*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№14 (12548)
9 апрели
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МАШВАРАТИ КОРӢ



## ОМОДАГӢ БА ҶАШНИ БУЗУРГИ МИЛЛӢ

3 апрел Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба рафти омодагиҳо ба таҷлили ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон машварати корӣ доир намуданд.

Машварати корӣ бо иштироки аъзои Кумитаи тадорукот доир ба истиқболи сазовор аз солгарди 35-уми Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Доир ба рафти иҷрои барномаи омодагиҳо гузориши аъзои Кумитаи тадорукот, аз ҷумла, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор шунида шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки тамоми чорабиниҳои ҷашнӣ дар пойтахт, марказҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар бо омодагии ҳамаҷониба ва мазмуну мундариҷаи баланд баргузор карда шаванд.

Таъкид гардид, ки таҷлили сазовор ва пуршукӯҳи ҷашни Истиқлоли давлатии Тоҷикистон метавонад ба эҳёи хотираи таърихӣ, таҳкиму тақвияти худшиносиву худогоҳии мардум, бахусус, ҷавонону наврасон ва баланд бардоштани ҳисси ифтихору сарфарозӣ аз таърихи бостонӣ, фарҳанги пурғановат ва тамаддуни бузурги ориёӣ мусоидати фаъол намояд.

Тавре иттилоъ доданд, дастуру таъкидҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва руҳияи баланди омодагӣ ба ин ҷашни бузурги миллӣ, ҳамчунин, ба раванди бунёдкорию созандагӣ дар тамоми қаламрави кишвар такони ҷиддӣ додааст, зеро дар доираи омодагӣ ба он беш аз 30 ҳазор иншооти ҷашнӣ сохта ба истифода дода шуда, садҳо ҳазор ҷойҳои нави корӣ муҳайё мегардад.

*www.president.tj*



Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад. Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам.

***Эмомалӣ РАҲМОН***

ДАР ИН ШУМОРА

2 Фестивал – намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон

5 Нақши зеҳни сунъӣ дар раванди дарёфт ва рушди истеъдодҳо

6 Таваҷҷуҳ ба маърифат ва илму дониш

7 Маҳаки умед

8-9 Ҳубоб аз рӯравиҳо таҳти дарёро чӣ медонад...

12 «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов ва бозтоби симои насли нави ҷомеаи тоҷик

14 Шаҳринав: баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар авлавият

### ТАВАҶҶУҲ

**Агар хоҳед, ки аз навовариҳои соҳаҳои маориф ва илм огоҳ бошед, асноду ҳуҷҷатҳои соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз дастовардҳои хонандагони тоҷик иттилоъ ёбед, маводу матолиби судмандро доир ба соҳа мутолиа намоед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз биомӯзед, пас ба саҳифаи расмии вазорат дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram – «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваст шавед.**

**QR – коди саҳифаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram.**

FACEBOOK TELEGRAM

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

ПАҲНОИ ҲАМКОРИҲО

# Фестивал – намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон








6 апрели соли 2026 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон маросими расмии ифтитоҳи сеюмин Фестивал – намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2026 баргузор гардид.

Дар чорабинии мазкур муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, намояндагони корпуси дипломатӣ, роҳбарону намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷ ва дохили кишвар, шарикони рушд, инчунин, меҳмонон ва иштирокчиёни фестивал аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон иштирок намуданд.

Дар оғоз муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан намуда, иштирокчиёнро ба Тоҷикистони соҳибистиқлол хайрамақдам гуфта, баргузории чунин чорабинии байналмилалиро нишонаи рушди ҳамкориҳои гуногунҷанба дар соҳаҳои маориф ва илм арзёбӣ намуд.

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ва илмро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намуда, барои рушди босифати таҳсилот ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Таъкид гардид, ки фестивал ҳамчун майдони муаррифии имкониятҳои таҳсил, барқарорсозии робитаҳои мустақим байни донишгоҳҳо ва рушди ҳамкориҳои илмӣ ва инноватсионӣ хидмат намуда, барои татбиқи барномаҳои муштарак, аз ҷумла, дипломҳои дугона, таъсиси факултетҳои муштарак ва роҳандозии лоиҳаҳои илмӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Ҳамзамон, иброз гардид, ки сифати низоми таҳсилот ва эътирофи байналмилалии он яке аз омилҳои асосии муаррифии давлат дар арсаи ҷаҳонӣ буда, мутахассисони соҳибкасб кафили рушди устувори ҷомеа ба ҳисоб мераванд.

Баъдан намояндагони корпуси








Фестивали мазкур дар як муддати кӯтоҳ ба як формати беназири байналмилалии муколама табдил ёфта, барои ташаккули модели нави рушди таҳсилот, густариши ҳамкориҳои илмӣ ва табодули таҷрибаи пешқадам мусоидат менамояд.

Муовини Сарвазир, ҳамчунин, таъкид намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавии босуръат ва таҳдидҳои муосир, рушди ҳамгироии илму маориф, технология ва инноватсия аҳаммияти калидӣ дошта, маҳз тавассути чунин платформаҳо метавон заминаи рушди устувори ҷомеа ва иқтисодиётро таъмин кард.

Дар идома вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи иштирокчиёнро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, саҳми онҳоро дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ баланд арзёбӣ кард.

Вазири маориф ва илм иброз дошт, ки сиёсати хирадмандонаи Пешвои дипломатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ суханронӣ намуда, аҳаммияти баргузории фестивалро дар таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди фазои ягонаи таҳсилоти олӣ муҳим арзёбӣ карданд.

Баъди анҷоми қисми расмӣ иштирокчиён аз намоишгоҳи донишгоҳҳои хориҷӣ дар Маркази «ЭКСПО-Душанбе» боздид намуда, бо имкониятҳои таҳсил, барномаҳои таълимӣ ва пешниҳодҳои стипендиявии муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз кишварҳои гуногун шинос гардиданд.

Ёдовар мешавем, ки сеюмин Фестивал – намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2026 аз 6 то 10 апрел дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва ноҳияи Данғара баргузор гардида, ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷалби ҷавонон ба таҳсилоти босифат ва таҳкими робитаҳои илмӣ мусоидат менамояд.



**Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷараёни татбиқи лоиҳаи таъсиси Маркази инноватсионии нассоҷӣ баррасӣ шуд.**

ҶАМЪБАСТИ СЕМОҲА



# Натиҷагирӣ аз фаъолияти вазорат

8 апрели соли 2026 ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли 2026 ва вазифаҳо то охири сол» баргузор гардид.

Дар ҷаласаи ҳайати мушовара вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илм, намояндагони вазорату идораҳо, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои мақоми ҷумҳуриявидошта ба тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Ҷаласа бо садо додани Суруди миллӣ ифтитоҳ гардида, сипас ҳисоботи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли 2026 ва вазифаҳо то охири сол» шунида шуд.

Дар ҳисоботи худ вазири маориф ва илм аз тадбирҳои муассири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ёдовар шуда, фаъолияти вазорат ва зерсохторҳоро дар самти таъминоти ҳуқуқӣ, таъминоти кадрӣ, ташкили гурӯҳҳои рушди барвақтии кӯдак ва марказҳои инкишофи кӯдак, зиёд намудани шумораи муассисаҳои томактабӣ, таҳияи санадҳои нав дар самтҳои гуногуни соҳа, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ, беҳтар намудани пояи моддӣ-техникии муассисаҳои томактабӣ, расидагӣ ба муроҷиатҳои шаҳрвандон, таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо омӯзгорон, натиҷагирӣ аз сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии соҳаи маориф, рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои хориҷ дар самти маориф, бақайдгирии довталабон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода кардани кадрҳои илмӣ, бартараф намудани норасоии кадрию китобҳои дарсӣ, иҷрои саривақтии барномаҳои давлатӣ, теъдоди омӯзгорону кормандони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Шоҳномахонӣ», таҳияи китобҳои дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати таълим ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод. Ҳамзамон, фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, Маркази ҷумҳуриявии таҳлил, иттилоот ва технологияҳои рақамӣ, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ ва Маркази матбуот мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд. Таъкид шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои тобеъ, сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳия, муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилот корҳои назаррас ба сомон расонида шуда бошад ҳам, дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат оид ба рушди босамари низоми маорифи мамлакат, мушкилоту норасоиҳо ҳанӯз ҷой доранд ва бартараф кардани онҳо аз ҳар кадоми мо масъулияти баландро тақозо мекунад.

Дар қисмати музокира директори Муассисаи нашриявии «Маориф» К. Исозода, ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ш. Муминзода ва мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Данғара С. Хайруллозода баромад намуда, ҳисоботи вазири маориф ва илмро вобаста ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли 2026 қаноатбахш арзёбӣ карданд.

Ҷаласаро вазири маориф ва илм ҷамъбаст намуда, дар охир бори дигар ба масъулин ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, стратегия, барнома, консепсия, қарорҳои ҳайати мушовара, фармоишҳои вазири маориф ва илм ва масъалагузориҳо барои соли 2026 дастуру супоришҳои мушаххас дод. Таъкид гардид, ки соли 2026 барои миллати тоҷик соли таърихӣ ва фаромӯшнашаванда маҳсуб ёфта, аз ҳар як корманди соҳа масъулияти баланди касбӣ ва шаҳрвандиро тақозо менамояд. Дар ин замина, зарур дониста шуд, ки тамоми муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд ва шоиста истиқбол гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас ва натиҷабахшро амалӣ намоянд. Ҳамчунин, роҳбарону масъулини соҳа вазифадор гардиданд, ки баргузории конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, ҳамоишҳо ва дигар чорабиниҳои сатҳи баландро бахшида ба ин ҷашни таърихӣ ба таври шоиста таъмин намуда, тавассути онҳо ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои давлатдориро дар миёни наврасону ҷавонон тақвият бахшанд.

ДУ ХАБАР

# Арзёбии сифати таҳсилот

Дар доираи амалигардонии лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» дар меҳмонхонаи «Серена» семинари омӯзишӣ барои директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ баргузор гардид.

Дар он муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Музаффарзода, директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадтоир Саидзода, сардори шуъбаи сифати таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, менеҷери лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» ва мушовирони миллӣ иштирок намуданд.

Ҳадафи асосии семинар тақвияти салоҳияти роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар самти татбиқи тартибу воситаҳои такмилёфтаи мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот, инчунин, омодагӣ ба раванди аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ арзёбӣ гардид.

Зимни омӯзиш иштирокчиён бо ҳадаф, асос ва унсурҳои калидии тартиби нави арзёбии сифати таҳсилот шинос гардида, истифодаи нишондиҳандаҳо, воситаҳо ва усулҳои муосири ҷамъоварии маълумотро барои гузаронидани арзёбии дохилӣ (худаттестатсия) аз худ намуданд. Ҳамзамон, масъалаҳои марбут ба таҳлили тартиби нави мониторинг ва арзёбӣ, принсипҳои асосии он, аз ҷумла, асосноқӣ, эътимоднокӣ ва шаффофият мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ҷараёни семинар ба нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, сохтор ва миқёси онҳо, инчунин, фарқияти нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, бо пешниҳоди мисолҳои амалӣ шарҳу тавзеҳ дода шуд. Ҳамчунин, иштирокдорон бо тарзи ташкил ва гузаронидани мушоҳидаи дарс, истифодаи варақаҳои мушоҳида ва усули ба роҳ мондани робитаи муассир бо омӯзгорон шинос шуданд.

Дар анҷоми чорабинӣ масъалаҳои ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои арзёбии дохилӣ, аз ҷумла, тартиби таҳияи гузориши ниҳоӣ, хулосабарорӣ ва таҳияи нақшаи амал баррасӣ гардиданд.




# Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ

Дар шаҳри Истанбули Ҷумҳурии Туркия ҷаласаи сеюми солонаи Гурӯҳи кории Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ЦАРЭС) оид ба рушди малакаҳо баргузор гардид, ки дар кори он намояндагони кишварҳои узви барнома, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд иштирок доштанд.

Дар ҷаласаи мазкур масъалаҳои марбут ба рушди малакаҳои «сабз», мутобиқсозии низоми таҳсилот ба талаботи бозори меҳнат, густариши таҳсилоти техникӣ ва касбӣ, инчунин, тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ дар самти омодасозии кадрҳои рақобатпазир мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Иштирокчиён доир ба роҳҳои ҳамгироии малакаҳои экологӣ ба барномаҳои таълимӣ, рушди STEM – таҳсилот ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ табодули афкор намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин чорабинии сатҳи баланд муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдулхолиқзода намояндагӣ дорад. Зимни суханронии худ муовини вазири маориф ва илм таъкид кард, ки барои Тоҷикистон рушди малакаҳои «сабз» на танҳо як самти нави таълим, балки омили муҳимми таъмини рушди устувор ва муқовимат ба таъсири тағйирёбии иқлим мебошад.

Қайд гардид, ки тағйирёбии иқлим ба захираҳои обӣ, кишоварзӣ ва энергетикаи кишвар таъсири ҷиддӣ мерасонад ва дар чунин шароит омодасозии мутахассисоне, ки метавонанд технологияҳои устуворро татбиқ намоянд ва кишоварзии мутобиқ ба иқлимро рушд диҳанд, аҳаммияти хос касб менамояд.

Ҳамзамон, зикр шуд, ки бо дастгирии Бонки Осиёии Рушд дар Тоҷикистон татбиқи яке аз лоиҳаҳои бузург оғоз гардидааст, ки ба рушди таҳсилоти STEM дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона шудааст. Лоиҳаи мазкур то соли 2030 амалӣ гардида, хонандагони синфҳои 5-11-ро фаро мегирад ва ба ташаккули насли нав бо тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои муҳандисиву технологӣ мусоидат менамояд.

Иштирокчиён, инчунин, ба масъалаи ҷалби бештари духтарон ба омӯзиши фанҳои дақиқ ва техникии STEM таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро омили муҳимми таъмини баробарии имкониятҳо ва рушди сармояи инсонӣ арзёбӣ карданд.

Дар ҷаласа ҷонибҳо омодагии худро барои густариши ҳамкориҳои минтақавӣ, мубодилаи таҷриба ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар самти рушди малакаҳо ва таҳсилоти муосир изҳор намуда, таъкид карданд, ки рушди малакаҳои «сабз» ва таҳсилоти STEM метавонад заминаи устувори рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои минтақа гардад.

**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Мурғоб 100 иншоот ба истифода дода шуд.**

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

# ТАВАҶҶУҲ БА РУШДИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН

3 апрели соли 2026 дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бо иштироки муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода, роҳбари бахши маорифи Хазинаи кӯдакони СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Наоко Хосака, ректори донишкадаи мазкур Наврӯз Мирзозода, намояндагони шарикони рушд ва зерсохторҳои Вазорати маориф ва илм мизи мудаввар баргузор гардид.

Муовини вазир зимни суханронии худ оид ба муҳиммияти такмили нақша, барнома ва модулҳои курсҳои такмили ихтисос, мутобиқ намудани онҳо ба стандартҳои муосири таълим ва талаботи байналмилалӣ андешаронӣ кард.

Сипас ректори донишкада тавзеҳоти ҳуқуқию педагогӣ, моҳият ва зарурати таҳияи сохтор-қолаби барномаи омӯзишҳои модулии дастгирии рушди муттасили касбии омӯзгорони курсҳои такмили ихтисосро шарҳ дода, ҷанбаҳои назариявӣ, меъёрӣ ва амалии онҳоро таъкид намуд. Ҳамзамон, гуфта шуд, ки тағдиди назар намудани нақша ва барномаҳои таълимӣ дар асоси принсипҳои таълимӣ, методӣ, илмӣ ва мутобиқат ба стандартҳои давлатӣ буда, вобаста ба ниёзи омӯзгорон таҳия гардидааст.

Дар идома роҳбари бахши маорифи Хазинаи кӯдакони СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи ҳамкориҳои судманд ва фаъолияти донишкада дар самти такмили барнома ва модулҳои таълимӣ ибрози назар намуда, қайд кард, ки дигар шарикони рушд низ дар самти рақамикунонии низоми такмили ихтисоси омӯзгорон, имкониятҳои ҳуши маснуъӣ ва коркарди платформаҳои рақамӣ бо донишкада ҳамкорӣ намуда, дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон саҳм гузоранд.

Баъдан аз ҷониби муовини ректори донишкада А. Нағмиддиниён рӯнамои сохтор-қолаби барномаи омӯзишҳои модулии дастгирии рушди муттасили касбии омӯзгорони курсҳои такмили ихтисос пешниҳод гардида, ҳадафу вазифаҳо ва механизмҳои амалисозии он ба ҳозирин муаррифӣ шуд.

Намояндагони шарикони рушд омодагии худро барои идомаи ҳамкорӣ ва расонидани дастгирии техникӣ дар самти рушди муттасили касбии омӯзгорон иброз доштанд.

Дар фарҷом қарорҳои дахлдор қабул гардида, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳоро дар самти такмили нақша ва барномаҳои таълимӣ, маҷмуи маводи модулӣ барои курсҳои такмили ихтисос тақвият мебахшанд. Ҳамзамон, дар чорабинӣ мушовири байналмилалӣ Александр Сокол ва директорони филиалҳо ба тариқи онлайн иштирок намуданд. Чорабинии мазкур дар доираи лоиҳаи IDB/ISFD/GPE/OFID оид ба дастгирии татбиқи «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (марҳалаи 2) амалӣ гардид.



# Такмили низоми омодасозии кадрҳои сатҳи баланди илмӣ

3 апрели соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи якуми гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба бозбинӣ ва такмили санадҳои танзимкунанда дар самти омода намудани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ баргузор гардид.

Ҷаласа таҳти раёсати муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода бо иштироки пурраи ҳайати гурӯҳи корӣ доир гардида, дар он масъалаҳои муҳимми марбут ба такмили низоми омодасозии кадрҳои сатҳи баланди илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Таъкид гардид, ки такмили низоми амалкунандаи тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва саривақтии соҳаҳои маориф ва илм ба ҳисоб рафта, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати илму технология талабот ба чунин мутахассисон пайваста меафзояд.

Дар рафти ҷаласа сардори раёсати илм ва инноватсияи вазорат А. Раҳмонзода вазъи кунунии омодасозии кадрҳои сатҳи баланди илмиро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, натиҷаҳои таҳлилӣ ва оморӣ вобаста ба сатҳи қабул ба зинаҳои магистратура, докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD), аспирантура ва докторантураи анъанавиро манзури ҳозирин намуд. Мавсуф ба як қатор мушкилоти мавҷуда, аз ҷумла, иҷро нагардидани нақшаи қабул, кам будани ҷойҳои буҷавӣ, коҳиш ёфтани ҷалби довталабон ба зинаҳои таҳсилоти илмӣ ва нокифоя будани ҳимояи рисолаҳои илмӣ ишора намуда, ҷиҳати беҳтар намудани вазъ ва пешбурди самараноки фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ пешниҳодҳои мушаххас ироа кард.

Дар ин замина, ҳозирин ба зарурати тағдиди талаботи мавҷуда, содасозии расмиёти ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳимояи рисолаҳо, ҷалби бештари ҷавонон ба таҳсилоти илмӣ, инчунин, тақвияти робитаи илм бо истеҳсолотро таъкид намуданд.

Дар анҷом таъкид шуд, ки натиҷаҳои бадастомада аз кори гурӯҳи байниидоравӣ метавонанд барои рушди минбаъдаи низоми омодасозии кадрҳои сатҳи баланди илмӣ заминаи воқеӣ гузошта, ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди илми миллӣ мусоидат намоянд.

# Баррасии омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ

Дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода рафти иҷрои Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм барои давраи то соли 2030 мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор дода шуд.

Зимни баррасии масъала сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ Ш. Асомиддинзода оид ба рафти иҷрои бандҳои стратегияи мазкур гузориш пешниҳод намуда, таъкид кард, ки дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати татбиқи самараноки ҳадафҳои пешбинишуда як қатор чорабиниҳои мушаххас амалӣ гардиданд. Такмили барномаҳои таълимӣ аз фанҳои риёзӣ ва табиӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассусии омӯзгорон, тақвияти заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълим аз ҷумлаи иқдомҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, зикр гардид, ки дар баъзе самтҳо, аз ҷумла, таъмини пурраи муассисаҳо бо таҷҳизоти озмоишгоҳӣ ва фарогирии баробар дар минтақаҳо ҳанӯз ҳам масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд.

Дар идомаи ҷаласа иштирокчиён вобаста ба камбудиву мушкилоти ҷойдошта андешаронӣ намуда, барои беҳтар намудани сифати иҷрои бандҳои нақшаи миёнамуҳлати стратегия пешниҳодҳои мушаххас манзур карданд.

Муовини якуми вазири маориф ва илм зимни ҷамъбасти ҷаласа ба масъулин ҷиҳати таъмини иҷрои саривақтӣ ва босифати бандҳои стратегия дастуру супоришҳои мушаххас дода, таъкид намуд, ки татбиқи пурраи ҳадафҳои пешбинишуда омили муҳимми баланд бардоштани сифати таълим ва рушди фанҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад. Инчунин, тақвияти назорати дохилӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳо ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷударо ҷиҳати ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас такони ҷиддӣ мебахшад.

# 173 медали хонандагони тоҷик дар олимпиадаи байналмилалӣ

Аз 24 то 30 марти соли 2026 дар шаҳри Куала-Лумпури Малайзия даври ниҳоии Олимпиадаи байналмилалии «Brainiacs» аз фанҳои забони англисӣ, математика, физика, биология, география, таърих ва барномасозӣ барои хонандагони синфҳои 3-11 баргузор шуд.

Дар ин сабқати бонуфуз, ки бо иштироки намояндагони 18 давлати ҷаҳон доир гардид, хонандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд. Дастаи кишвар, дар маҷмуъ, соҳиби 173 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла, 31 медали тилло, 56 медали нуқра ва 86 медали биринҷӣ гардиданд.

Ин дастоварди назаррас гувоҳи сатҳи баланди дониш, истеъдод ва омодагии хонандагони тоҷик буда, обрӯи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорад.



БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

# Ифтитоҳи биноҳои иловагии мактабҳо



Дар доираи сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №60-и Ҷамоати деҳоти Ворух бинои иловагӣ иборат аз ду ошёна барои 220 нафар хонанда дар як баст мавриди истифода қарор гирифт.

Бино дорои 7 синфхона, ҳуҷраҳои корӣ директор ва омӯзгорон мебошад. Иншооти мазкур аз ҷониби лоиҳаи CASA-1000 бунёд гардида, дорои низоми муосири гармидиҳӣ (мини-котел) буда, бо неруи барқ фаъолият мекунад. Айни ҳол дар муассиса 22 нафар омӯзгор фаъолият намуда, 252 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Ҳамчунин, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70-и деҳоти Чоркӯҳи шаҳри Исфара бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 7 синфхонаи иловагӣ барои 210 ҷойи нишаст ба истифода дода шуд. Синфхонаҳои иловагии мазкур низ аз ҷониби лоиҳаи CASA-1000 сохта шуда, бо тамоми шароити зарурии таълимӣ таъмин мебошанд. Дар муассисаи мазкур 39 нафар омӯзгор фаъолият дошта, 499 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Илова бар ин, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и деҳоти Ворухи шаҳри Исфара толори варзишии муосир бунёд гардид, ки барои рушди тарбияи ҷисмони хонандагон мусоидат менамояд.

***Маркази матбуоти***
***Вазорати маориф ва илм***

**Бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Панҷакент илова ба нақша 200 иншооти таъйиноти гуногун бунёд карда мешавад.**

ПЕШРАФТ

# Нақши зеҳни сунъӣ дар раванди дарёфт ва рушди истеъдодҳо

**Нигоҳе ба мавзуъ**

Дар даҳсолаи ахир пешрафти бесобиқаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба яке аз омилҳои тағйироти сохторӣ дар иқтисод, илм ва низоми иҷтимоии ҷомеа табдил ёфтааст.

Зеҳни сунъӣ тадриҷан ба як технологияи умумибунёдӣ табдил ёфта истодааст, ки қобилияти дигаргун сохтани қариб ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон, аз иқтисод, саноат то маориф, илм ва идоракунии давлатиро дорад. Дар чунин шароит кишварҳое, ки тавонистаанд истифодаи самараноки ин технологияҳоро дар низомҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худ таъмин намоянд, имкони ба даст овардани бартарии назаррасро дар рақобати ҷаҳонӣ пайдо мекунанд.

Дар ин замина, аҳаммияти масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам бештар мегардад, зеро тибқи ҳадафҳои стратегии рушди кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян гардидаанд, яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ гузариш ба иқтисоди ба дониш асосёфта мебошад. Татбиқи чунин ҳадаф бевосита ба сатҳи рушди илм, технологияҳои рақамӣ ва омодасозии кадрҳои дорои малакаҳои муосир вобаста буда, дар ин раванд зеҳни сунъӣ метавонад ба яке аз омилҳои муҳимми ташаккули иқтисоди донишбунёд табдил ёбад.

Аз ин лиҳоз, масъалаи сари вақт дарёфт намудани истеъдодҳои ҷавон, рушди қобилиятҳои зеҳнии онҳо ва ташаккули малакаҳои муосири технологӣ, аз ҷумла, дар самти зеҳни сунъӣ, аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Маҳз тавассути ташкили муҳити мусоиди таълимӣ, дастгирии хонандагони болаёқат ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар низоми маориф мумкин аст заминаи ташаккули насли нави мутахассисони рақобатпазир ва эҷодкорро фароҳам оварад, ки онҳо дар оянда тавонанд дар рушди иқтисоди донишбунёди кишвар саҳми назаррас гузоранд.

Дар баробари имкониятҳои васеъ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф як қатор масъалаҳои нави методологӣ, педагогӣ ва ахлоқиро низ ба миён меорад. Масъалаҳои вобаста ба эътимоднокии алгоритмҳои таҳлилӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, инчунин, мутобиқ намудани равандҳои анъанавии таълим ба муҳити рақамӣ аз ҷумлаи чунин чолишҳо ба ҳисоб мераванд.

**Таҷрибаҳои муваффақ**

Бисёр кишварҳои ҷаҳон аллакай зеҳни сунъиро дар низоми маориф барои муайянсозии қобилиятҳои хонандагон истифода мебаранд. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико як қатор платформаҳои таҳлили маълумоти таълимӣ фаъолият мекунанд, ки бо истифода аз алгоритмҳои зеҳни сунъӣ натиҷаҳои таҳсили хонандагонро таҳлил менамоянд. Ин системаҳо ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки қобилиятҳои махсуси хонандагонро барвақт муайян ва барои онҳо барномаҳои инфиродии таълимиро таҳия кунанд.

Ҳамзамон, таҷрибаи кишварҳои пешрафта собит месозад, ки истифодаи платформаҳои муосири зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф аллакай ба тағйироти сифатӣ ва миқдорӣ дар натиҷаҳои таълимӣ оварда расонидааст. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико платформаҳои мутобиқшавандаи таълимӣ, аз қабили «Duolingo» ва «Carnegie Learning», бо истифода аз алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ натиҷаҳои таълимии миллионҳо корбарро таҳлил ва барномаҳои инфиродии омӯзиширо пешниҳод мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи чунин системаҳо сатҳи ҷалби хонандагонро ба раванди омӯзиш то 30 то 40 фоиз зиёд намуда, суръати азхудкунии маводро нисбат ба усулҳои анъанавӣ ба таври назаррас баланд мебардорад.

Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки яке аз пешсафони ҷаҳонӣ дар татбиқи технологияҳои зеҳни сунъӣ ба ҳисоб меравад, платформаҳои таълимии рақамӣ ба мисли «Yuanfudao» ва «Squirrel AI» системаи таълимро ба таври васеъ рақамисозӣ намудаанд. Тибқи маълумоти таҳқиқотӣ, дар натиҷаи истифодаи омӯзиши мутобиқшаванда (adaptive learning) сатҳи натиҷаҳои хонандагон дар баъзе фанҳо то 20-30 фоиз беҳтар гардида, самаранокии омӯзиш дар муҳити рақамӣ назар ба синфҳои анъанавӣ бештар арзёбӣ шудааст.

Дар Сингапур, ки низоми маорифи он дар радабандии ҷаҳонӣ ҷойҳои пешсафро ишғол мекунад, платформаҳои таҳлили маълумоти таълимӣ ва ассистентҳои зеҳнии таълимӣ ба таври системавӣ ҷорӣ гардидаанд. Ин системаҳо ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки фаъолияти ҳар як хонандаро дар вақти воқеӣ пайгирӣ намуда, қарорҳои педагогиро бар асоси маълумоти дақиқ қабул кунанд. Дар натиҷа, на танҳо сифати таълим баланд мегардад, балки сарбории омӯзгорон низ коҳиш ёфта, самаранокии идоракунии раванди таълим беҳтар мешавад.

Ҳамчунин, дар Кореяи Ҷанубӣ платформаи «QANDA», ки аз технологияҳои шинохти тасвир ва моделҳои забонӣ истифода мебарад, ба зиёда аз 90 миллион корбар хидмат мерасонад. Ин система ба хонандагон имкон медиҳад, ки масъалаҳои мураккаби фаннӣ, бахусус, математикиро бо гирифтани шарҳи қадам ба қадам мустақилона ҳал намоянд, ки ин ба рушди тафаккури таҳлилӣ ва малакаҳои худомӯзӣ мусоидат мекунад.




**Имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар муайянсозии истеъдодҳо**

Истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф имкон фароҳам меорад, ки равандҳои муайянсозии қобилият ва истеъдоди хонандагон аз доираи усулҳои анъанавии арзёбӣ берун баромада, ба сатҳи таҳлили амиқ, системавӣ ва далелнок гузаранд. Агар дар шароити анъанавӣ муайянсозии истеъдод бештар ба мушоҳидаи субъективии омӯзгор ва натиҷаҳои санҷишҳои маҳдуд такя намояд, дар муҳити рақамӣ ин раванд метавонад бо истифода аз таҳлили маълумоти калон (big data) ва алгоритмҳои зеҳни сунъӣ ба таври дақиқтар ва фарогиртар амалӣ гардад.

Аз нуқтаи назари педагогикаи муосир, чунин равиш ба принсипи инфиродисозии таълим (personalized learning) пурра мувофиқат мекунад. Педагоги маъруф Бенҷамин Блум дар назарияи худ таъкид намуда буд, ки бо фароҳам овардани шароити омӯзиши инфиродӣ, натиҷаҳои таълим метавонанд ба таври назаррас беҳтар гарданд (маъруф ба «2 sigma problem»). Истифодаи зеҳни сунъӣ имконият медиҳад, ки чунин муҳит дар амал татбиқ карда шавад.

Аз нигоҳи психологияи рушд, муайянсозии барвақти қобилиятҳо барои ташаккули шахсият аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Тавре равоншиноси шинохта Лев Виготский дар назарияи «минтақаи рушди наздик» (zone of proximal development) нишон медиҳад, рушди самараноки кӯдак дар он сурат имконпазир аст, ки равандҳои таълим ба сатҳи воқеии қобилият ва имкониятҳои потенсиалии ӯ мутобиқ карда шаванд. Зеҳни сунъӣ метавонад ин мутобиқатро бо дақиқии баланд таъмин намояд.

Ҳамзамон, муҳаққиқи соҳаи технологияҳои таълимӣ Сугата Митра таъкид мекунад: «Технологияҳо метавонанд муҳитеро эҷод кунанд, ки дар он қобилиятҳои табиии кӯдакон худ ба худ рушд намоянд».

Ин андеша аҳаммияти муҳити рақамии интерактивиро дар рушди истеъдодҳо тасдиқ намуда, нишон медиҳад, ки зеҳни сунъӣ метавонад на танҳо воситаи арзёбӣ, балки муҳаррики асосии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон бошад.

Ҳамин тариқ, ҳамгироии зеҳни сунъӣ ба равандҳои муайянсозии истеъдодҳо имкон медиҳад, ки низоми маориф аз модели стандартӣ ба модели инфиродӣ ва далелбунёд гузарад, ки дар он ҳар як хонанда ҳамчун субъекти беназири рушди зеҳнӣ арзёбӣ мегардад.

**Дар Тоҷикистон чӣ корҳо анҷом ёфтанд?**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи дарёфт ва рушди истеъдодҳо ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии соҳаи маориф арзёбӣ гардида, дар солҳои охир дар ин самт як қатор иқдомҳои муҳимми институтсионалӣ ва амалии дорои аҳаммияти стратегӣ татбиқ шудаанд. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба ташаккули низоми муосири муайянсозӣ ва дастгирии хонандагони боистеъдод равона гардида, тадриҷан унсурҳои инноватсионӣ ва технологиро низ дар бар мегирад.

Аз ҷумла, татбиқи барномаҳои давлатӣ дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо, ташкили мунтазами олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои зеҳнӣ ва рушди шабакаи муассисаҳои махсусгардонидашуда барои хонандагони болаёқат ҳамчун заминаи муҳимми ташаккули сармояи зеҳнии кишвар хидмат менамоянд. Дар ин самт, нақши калидиро Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо мебозад, ки фаъолияти он ба таври системавӣ ба муайянсозӣ, дастгирӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон равона шудааст. Марказ бо ташкили олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, озмунҳои илмӣ ва барномаҳои таълимии мақсаднок муҳити мусоиди рушди истеъдодҳоро фароҳам меорад.

Дар баробари ин, воридшавии тадриҷии технологияҳои рақамӣ ба низоми маориф, аз ҷумла, дар самти ташкил ва идоракунии олимпиадаҳо ва мониторинги натиҷаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки заминаҳои гузариш ба истифодаи воситаҳои зеҳни сунъӣ низ шакл гирифта истодаанд. Дар ин ҷода, баргузор гардидани аввалин Олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз фанни зеҳни сунъӣ ба номи ал-Хоразмӣ аҳаммияти махсус дорад.

Муҳимтар аз ҳама, ин ташаббусро метавон ҳамчун қадами аввалини системавӣ дар самти арзёбии сатҳи воқеии дониш, тасаввурот ва омодагии хонандагон дар соҳаи зеҳни сунъӣ дар миқёси ҷумҳурӣ арзёбӣ намуд.

Натиҷаҳои чунин олимпиадаҳо метавонанд ҳамчун манбаи боэътимоди маълумот барои таҳияи сиёсати минбаъдаи давлатӣ, такмили барномаҳои таълимӣ ва ҷорӣ намудани фанҳои марбут ба зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ истифода шаванд.

**Пешниҳод**

Бо вуҷуди имкониятҳои васеъ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф як қатор мушкилотро низ ба миён меорад: Якум, масъалаи эътимоднокии алгоритмҳо аҳаммияти калон дорад. Натиҷаҳои таҳлили зеҳни сунъӣ бояд бо арзёбии омӯзгорон ва мутахассисони соҳа муттаҳид карда шаванд.

Дуюм, масъалаи омодагии кадрҳои педагогӣ барои истифодаи технологияҳои рақамӣ муҳим мебошад. Баланд бардоштани савияи рақамии омӯзгорон яке аз шароити асосии истифодаи самараноки технологияҳои нав ба ҳисоб меравад.

Сеюм, масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ бояд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошта бошанд.

***Нурулло ҒАФУРИЁН***

***Зеҳни сунъӣ рӯз ба рӯз дар пешрафти таълиму омӯзиш, иқтисодиёту саноат мавқеи муҳиммеро пайдо карда истодааст. Он чун яке аз беҳтарин дастовардҳои илму технология қариб дар тамоми соҳаҳо торафт ҷойгоҳи меҳварӣ дарёфт менамояд. Зеҳни сунъӣ дар беҳдошти кору фаъолият ва баланд бардоштани маҳсули меҳнат нақши муҳим мебозад. Барои ҳамин имрӯз яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа омода кардани мутахассисони касбияташон баланд дар ин самт ҳисоб меёбад.***

# Истифодаи ҳуши маснуӣ дар технология ва таълим

Бо мақсади ошноӣ бо раванди кор бо ҳуши маснуӣ бо муовини директор оид ба кори таълими Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғ Далер Тошхӯҷаев вохӯрдем.

Далер Тошхӯҷаев иттилоъ дод, ки дар литсейи мазкур фаъолият дар ростои истифодаи самарабахши ҳуши маснуӣ ва рушди неруи зеҳнии хонандагон густариш ёфта истодааст. Айни ҳол дар муассиса маҳфилҳои барномасозӣ, робототехника, ҳуши маснуӣ амал менамоянд, аъзои маҳфил бо асосҳои алгоритмсозӣ, таҳлили додаҳо, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ кор карда истодаанд.

Ҷиҳати баланд бардоштани касбияти омӯзгорон дар ин самт дар муассиса семинар оид ба зеҳни сунъӣ баргузор гашт. Дар он масъалаҳои вобаста ба мавзуи «Омӯзиши зеҳни сунъӣ барои таҳсилоти наврасону ҷавонон», ҳамчунин, истифодаи барномаҳои рақамӣ дар дарсҳо, роҳҳои рушди тафаккури таҳлилӣ баррасӣ шуданд. Дар доираи нақшаи чорабиниҳои ин барнома омӯзгори ин муассиса Боймамад Оҷимамадов дар семинари байналмилалӣ оид ба ҳуши маснуӣ, ки дар кишвари Чин сурат гирифт, ширкат намуд. Мавсуф дар ин омӯзиш «Барномаи таълимӣ оид ба самтҳои асосии ҳисоббарории пешрафта», аз ҷумла, ҳисоббарории баландсифат (HPC), зеҳни сунъӣ (AL) ва ҳисоббарории квантӣ (QC)-ро аз худ кард.

Аз рӯйи барномаи таълимии пешрафтаи ҳисоббарории «Чин – Осиёи Марказӣ» дар семинар мавзуъҳои бо коркарди додаҳои ҳаҷман калон (Big Data), моделсозии равандҳои мураккаб, истифодаи алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ (Machine Learning), шабакаҳои нейронӣ ва татбиқи технологияи квантӣ дар тадқиқоти илмӣ омӯхтаву таҳлил гардиданд. Зимни омӯзиш ба инфрасохтори муосири ҳисоббарории баландсифат, маркази додаҳо ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти рақамикунонӣ таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Чунин омӯзиш барои омӯзгороне, ки бо ҳуши маснуӣ сару кор мегиранд, аҳаммияти зиёде дорад, зеро он имкон фароҳам меорад, ки бо истифода аз дониши омӯхтаашон сифати омӯзиши технологияи иттилоотӣ ва масъалаҳои ба зеҳни сунъӣ алоқамандро баланд бардоранд, шогирдони бо донишҳои ҳозиразамон мусаллаҳро омода созанд.

***Ҷангибеки УЛФАТШОҲ, «Омӯзгор»***

**Дар Тоҷикистон ба маблағи беш аз 10 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардид.**

*Гар рост сухан гӯию дар банд бимонӣ,*
*Беҳ з-он ки дурӯғат диҳад аз банд раҳоӣ.*
*Саъдии Шерозӣ*



ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ



# Таваҷҷуҳ ба маърифат ва илму дониш

***Истиқлоли давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо огози марҳалаи нави давлатдорӣ, балки заминаи воқеии рушди устувори тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа гардид. Дар ин давра таҳкими пояҳои давлатдорӣ, рушди иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа ва ташаккули насли соҳибмаърифат ҳамчун ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ муайян карда шуданд. Дар татбиқи ин ҳадафҳо нақши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят бузург ва сарнавиштсоз мебошад.***

Бо роҳнамоии сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат соҳаҳои маориф, илм ва варзиш ҳамчун самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ муайян гардида, барои пешрафти онҳо заминаи устувори ҳуқуқӣ ва моддӣ фароҳам оварда шуд. Ин сиёсати дурбинона имкон дод, ки Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ дар самти рушди маърифат, илм ва тарбияи ҷисмонӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардад.

Яке аз санадҳои муҳимми сиёсие, ки самтҳои стратегии рушди давлат ва ҷомеаро муайян менамояд, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ мебошад. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (16 декабри соли 2025) ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ ва барномавӣ масъалаҳои асосии рушди маориф, илм ва варзишро бори дигар дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор дод.

Дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва рушди босуръати технологияҳои муосир, маориф ва илм ба омили асосии рақобатпазирии давлатҳо табдил ёфтаанд. Пешвои миллат дар Паёми худ таъкид намуданд, ки сармоягузорӣ ба маориф ва илм дар асл сармоягузорӣ ба ояндаи давлат ва миллат мебошад. Зеро танҳо тавассути рушди низоми маориф метавон насли босавод, соҳибкасб ва дорои ҷаҳонбинии муосирро тарбия намуд.

Дар сиёсати давлатии Тоҷикистон маориф ҳамеша ҳамчун соҳаи афзалиятнок эътироф гардидааст. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат низ бори дигар таъкид гардид, ки ояндаи давлату миллат ба сатҳи дониш ва маърифати насли наврас вобастагии мустақим дорад. Аз ин рӯ, давлат тамоми имкониятҳоро барои тарбияи насли босавод, ватандӯст ва соҳибмаърифат фароҳам меоварад.

Дар заминаи ин сиёсати хирадмандона, масъалаи такмили мазмуну муҳтавои таҳсил, мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ ба талаботи замон ва баланд бардоштани сифати таълим аз вазифаҳои муҳимми соҳаи маориф маҳсуб меёбанд. Пешвои миллат таъкид намуданд, ки рушди низоми таҳсил бояд ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ карда шавад, то мутахассисони омодашуда тавонанд дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми муассир гузоранд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки дар Паёми Пешвои миллат мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифт, ҳифзи иҷтимоии омӯзгорон мебошад. Сарвари давлат дастур доданд, ки аз 1-уми сентябри соли 2026 маоши кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ 25 фоиз зиёд карда шавад. Ҳамзамон, маоши дигар кормандони соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Ин иқдом нишонаи равшани қадршиносии давлат нисбат ба заҳмати омӯзгорон буда, ба баланд бардоштани нуфузи касби омӯзгорӣ ва ҷалби ҷавонони соҳибистеъдод ба соҳаи маориф мусоидат менамояд. Дарвоқеъ, омӯзгорон бунёдгарони ояндаи миллатанд ва дастгирии иҷтимоии онҳо омили асосии рушди ҷомеа мебошад.

Дар Паёми Пешвои миллат масъалаи рушди илм ва омодасозии кадрҳои баландихтисос низ ҳамчун яке аз омилҳои ҷиддии рушди иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардид. Сарвари давлат таъкид намуданд, ки рушди илм бояд ба ниёзҳои воқеии иқтисоди миллӣ мутобиқ карда шавад.

Дар ин замина, Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ вазифадор гардиданд, ки талаботи бозори меҳнатро дар самти иқтисоди рақамӣ омӯхта, барои зиёд намудани мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Гузариш ба иқтисоди рақамӣ яке аз самтҳои стратегии рушди Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, рушди фанҳои дақиқ, технологияҳои иттилоотӣ, барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ дар низоми таҳсил аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Ин раванд барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таҳкими мавқеи кишвар дар фазои илмӣ ва технологияи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Дар сиёсати фарҳангии давлат дар қатори дигар омилҳо масъалаи рушди фарҳанги китобхонӣ мавқеи муҳим дорад. Пешвои миллат дар Паёми худ зикр намуданд, ки бо дастури Роҳбари давлат 3 миллиону 200 ҳазор нусха китобҳои «Тоҷикон» ва «Шоҳнома» чоп ва ба аҳолии мамлакат ройгон тақсим карда шуданд. Ин иқдом барои баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва эҳёи арзишҳои таърихию фарҳангӣ аҳаммияти бузург дорад.

Ҳамчунин, дар даҳ соли охир 900 номгӯй адабиёти бадеиву бачагона нашр гардида, ба китобхонаҳои кишвар дастрас карда шуданд. Ин тадбирҳо барои рушди маънавии ҷомеа ва тарбияи насли китобдӯст нақши муҳим доранд.

Дар баробари рушди маориф ва илм, соҳаи варзиш низ дар сиёсати давлатии Тоҷикистон мавқеи муҳим пайдо кардааст. Баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ варзиш ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат рушд ёфт.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ набудани инфрасохтори варзишӣ аз мушкилоти ҷиддии соҳа ба шумор мерафт. Аммо бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат ин мушкилот марҳала ба марҳала ҳал гардиданд.

Агар то соли 1991 дар кишвар наздик ба 1000 иншооти варзишӣ фаъолият дошта бошад, имрӯз шумораи онҳо ба таври назаррас зиёд шудааст. Тибқи маълумоти дар Паёми Пешвои миллат зикршуда, соли 2020 шумораи иншооти варзишӣ ба 10220 адад расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба давраи пеш аз истиқлол беш аз нуҳ баробар зиёд мебошад.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии варзишгарон соли 2015 Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи варзиш таъсис дода шуд, ки то имрӯз қариб 200 нафар варзишгари ҷавон соҳиби он гардидаанд.

Ҳамзамон, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Дар бораи варзиши кӯдакон ва наврасон» ва «Дар бораи тайёрии варзишӣ», инчунин, татбиқи Барномаи маҷмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2022-2026 заминаи ҳуқуқии рушди соҳаи варзишро таҳким бахшид.

Бо дастгирии давлат имрӯз дар саросари кишвар беш аз 11 ҳазор иншооти варзишӣ фаъолият дошта, барои оммавигардонии варзиш ва рушди тарзи ҳаёти солим мусоидат мекунанд. Варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои байналмилалӣ бо ифтихор Тоҷикистонро намояндагӣ намуда, ба шарофати пирӯзиҳояшон Парчами давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ парафшон месозанд.

Дар маҷмуъ, сиёсати давлат дар соҳаи маориф, илм ва варзиш ба ташаккули ҷомеаи донишбунёд, солим ва худогоҳ равона гардидааст. Пешвои миллат пайваста таъкид менамоянд, ки маҳз тавассути рушди маърифат ва илму дониш метавон ҷомеаро аз хатарҳои таассуб, хурофот ва ҷаҳолат ҳифз намуд.

Аз ин рӯ, тарбияи насли босавод, ватандӯст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ вазифаи муқаддаси давлат ва ҷомеа мебошад. Таваҷҷуҳи пайвастаи давлат ба рушди фарҳанги китобхонӣ, бунёди муассисаҳои фарҳангӣ, рушди инфрасохтори илмӣ ва дастгирии варзишгарон далели равшани сиёсати дурбинонаи давлат дар самти рушди инсон мебошад.

Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки дар натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат соҳаҳои маориф, илм ва варзиш ба марҳалаи нави рушд ворид гардидаанд. Татбиқи пурраи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат дар ин самт метавонад барои таъмини рушди устувори ҷомеа, таҳкими давлатдорӣ ва боло бурдани нуфузи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи боэътимод фароҳам оварад.

***Шодӣ САФАРОВ,***
***доктори илмҳои педагогӣ,***
***профессор, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

Дар Паёми (16.12.2025) Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи

# Муждаи саодат

роҳу нақлиёт, илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон ва варзиш диққати ҷиддӣ дода шуд.

Зикр гардид, ки ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта зиёд гардид. Дар соли 2025 маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 173 миллиард сомонӣ расида, суръати рушди воқеии он 8,4 фоизро ташкил дод.

Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ самти муҳимми фаъолияти Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад ва тадбирҳои солҳои охир амалигардида ба рушди ин соҳаҳо такони ҷиддӣ бахшиданд.

Дар Паём таъкид гардид, ки пешравии ҳар гуна ҷомеа ба илм вобаста аст. Дар ин маврид Пешвои миллат чунин зикр намуданд: «Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафта вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад».

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби Президенти кишвар дастгирии таҳқиқоти илмӣ ба воситаи боло бурдани ҳаҷми маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмию пажуҳишӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои таълимию илмӣ бо сохторҳои истеҳсолӣ дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ гардид.

Дар маҷмуъ, Паёми навбатии Президенти мамлакат барои тамоми сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, молиявию иқтисодӣ, дигар субъектҳои хоҷагидорӣ сармашқи кор ва дастури роҳнамо бахри ҳар чи зуд амалигардонии ҳадафҳои стратегии Ҳукумат ва дар ин замина, муҳайё намудани шароити зиндагии шоиста ба ҳар як сокини кишвар маҳсуб меёбад.

***Баҳодур ДӮСТМАТОВ,***
***мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон***

ИҚДОМ

# Таъсиси марказҳои илмӣ-таълимӣ – омили муваффақият

Тақвияту таҳким бахшидани пойгоҳҳои илмиву техникии муассисаҳои таълимиву тадқиқотӣ аз талаботи замони муосир дониста мешавад. Дар ин раванд Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев иқдомоти тозаеро роҳандозӣ намудааст, ки ба пешрафти сифати таълим ва густариши тадқиқоти илмӣ мусоидат менамояд.

Дар ин муассисаи таълимиву илмӣ лоиҳаи байналмилалии «Иқтисоди сабз, рушди устувор ва фаъолияти экологӣ дар донишгоҳҳои шарик» тарҳрезӣ гардид, ки аз ҷониби «Барномаи Erasmus+» маблағгузорӣ мешавад. Дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур 14 ноутбуки тамғаи «Леново», тахтаи электронӣ, тахтаи декоративӣ, 10 дона либос бо навиштаи «Иқтисоди сабз» дастрас гардиданд, ки аз ҷониби устодону донишомӯзон самаранок истифода мешаванд.

Ҷиҳати дастгирӣ ва амалӣ намудани ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба тағйирёбии иқлим, обу пиряхҳо, ҳифзи муҳити зист дар ин муассиса Маркази омӯзиши ташаббусҳои глобалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфт ва бо технологияи муосир муҷаҳҳаз гардид. Ҳоло дар марказ 2 компютери калон барои кашидани харита, ду телевизор, 1 тахтаи электронии интеллектуалӣ ва 14 лептоп мавҷуд аст.

Ҳамчунин, дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳо бо Ассотсиатсияи «Helvetas Swiss Intercooperation» Маркази ҳуқуқшиносӣ бо тамоми таҷҳизот дар ихтиёри муҳассилин қарор гирифт.

Соли 2026 дар донишгоҳ Маркази зеҳни сунъӣ (татбиқи технологияи рақамӣ ва таҳқиқоти инноватсионӣ), Маркази инкишофи кӯдакон ва омодасозии кадрҳо, Маркази устуворгардонии шаҳри Хоруғ (бо ҷалби лоиҳаҳои байналмилалӣ) таъсис дода мешавад.

***Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,***
***«Омӯзгор»***

**Дар ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров даври якуми Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» баргузор шуд.**

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»

# Маҳаки умед

***Мурод мактаби миёнаро бо баҳои аъло тамом кард. Даврони мактабхонӣ орзу дошт, ки духтур шавад, вале қисмат ӯро ба кӯчаи омӯзгорӣ овард. Инак 30 сол мешавад, ки ба шогирдон аз забон ва адабиёти тоҷик дарс мегӯяд.***



Даврони мактабхонии Мурод ба замони Шуравӣ рост меояд. Вақте ӯ дар хидмати ҳарбӣ буд, Иттиҳоди Шуравӣ пош хӯрд. Занҷири иқтисоди Шуравӣ гусаста шуду буҳрони шадиди молиявию маънавӣ ҷомеаро фаро гирифт. Вақте ки Мурод аз хидмат баргашт, дар Тоҷикистон, хусусан, дар пойтахти он шаҳри Душанбе байни гурӯҳҳои гуногуни ҳизбӣ, ҷамъиятӣ, мазҳабиву динӣ кашмакашҳои шадиди сиёсӣ сурат мегирифт.

Мурод, ки пас аз хидмат таҳсилро дар донишгоҳ давом додан мехост, ин нияташро мавқуф гузошта, дар хоҷагии деҳқонӣ ба кор сар кард. Падару модари пир, ки дошт, ҳамзамон, дасти шафқату меҳрубониашро сӯйи онҳо дароз мекард.

Дар марказ ва қисмати ҷанубии ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ сар зад. Куштору ваҳшоният рӯзи мардумро сиёҳ кард. Гуруснагӣ ва марг аз домани ҳар тоҷику тоҷикистонӣ маҳкам дошта буд. Боварӣ ва умед ба ояндаи нек хаёли хоме гашта буд. Ин руҳияи вазнин қаҳрамони моро низ фаро гирифта буд. Танҳо пас аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоб баргузор гашт, дар дили мардум шуълаи умед пайдо шуд.

Тирамоҳи соли 1993 Мурод ҳуҷҷатҳои худро ба шуъбаи ғоибонаи факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров супорид. Имтиҳонҳоро бомуваффақият супорида, ба сафи донишҷӯён дохил шуд, вале ҳамоно дар хоҷагии деҳқонӣ кор мекард, саробони оила буд.

Дар авҷи буҳрони шадиди иқтисодӣ тирамоҳи соли 1994 Мурод хост аз кори хоҷагии деҳқонӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ гузарад. Бо ин мақсад, ӯ бо ариза ба назди раиси хоҷагӣ даромад. Раис бо тааҷҷуб аз вай пурсид:

- Ҳозир одамон илоҷи ба колхоз даромаданро наёфта истодаанду ту чаро ихтиёран рафта истодай?

Мурод ба оромӣ гуфт:

- Дуруст мегӯед раис, лекин ман корро дар мактаб давом додан ҳастам, мактаб айни замон ба ман муҳтоҷ аст.

Раис бечуну чарои иловагӣ ба ариза имзо гузошт. Дар он замон бисёр омӯзгорон аз ноилоҷӣ мактабро тарк карда буданд. Муаллимон намерасиданд. Аълохонҳои синфҳои болоӣ ба кори таълиму тарбия ҷалб карда мешуданд.

Мурод дар мактаби деҳа ба кор оғоз кард. Ҳамзамон, таҳсилро давом медод. Солҳои аввали омӯзгорӣ Муродро имтиҳони бераҳмонаи ҳаёт интизор будааст. Даргириҳои мухолифон бо қувваҳои ҳукуматӣ дар қисмати ҷанубии кишвар идома доштанд. Музди меҳнати омӯзгоронро, ки он ҳам хеле ночиз буд, давлат бинобар набудани асъори миллӣ пардохт карда наметавонист. Мақомоти маҳаллии давлат то ҳадди имкон маоши омӯзгоронро бо маводи ниёзи аввал ҷуброн мекард. Мурод ва дигар ҳампешагонаш ба ҳамаи ин тоқат мекарданд. Дар ҷамъомадҳои омӯзгорон масъалаи сифати таълиму тарбия муҳокима карда мешуд. Омӯзгорони калонсол муаллимони навкорро руҳбаланд мекарданд.

Боре дар ҷамъомади умумӣ омӯзгори собиқадор Муаззам Ҳамдамӣ гуфт:

- Магар аз дасти ман ба бозор баромада савдо кардан намеояд? Албатта, меояд, вале рисолати ман омӯзгорист!

Омӯзгори собиқадору соҳибтаҷриба Неъматхӯҷа Раҳматзода афзуд:

- Ин рӯзҳо мегузаранд, ҷавонҳо набояд руҳафтода шаванд. Рӯзе мерасад, ки боз қадри илму дониш ва омӯзгор баланд мешавад, ин ҳақиқати бебаҳс аст.

Роҳбари ҷавону ҷасур ва ватандӯсти давлати ҷавони тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувваю имкониятро ба кор бурданд, то сулҳу оромӣ ояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввал дар сиёсати дохилии хеш маорифро соҳаи афзалиятноки давлат эълон кард.

Аз соли 2000-ум инҷониб дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ пешравиҳо дида шуда, некуаҳволии халқ зина ба зина боло рафт. Аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ислоҳоти соҳаи илму маориф ба маромуи мақсади аввалиндараҷаи давлати мо табдил ёфт. Мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва низоми таълим ба талаботи замон ва меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ гардонида мешавад. Пайдоиши мактабҳои типи нав ба рушди соҳа ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон мусоидат намуданд. Рушди иқтисодиёти кишвар имкон дод, ки маоши кормандони соҳаҳои буҷавӣ, аз ҷумла, омӯзгорон сол аз сол зиёд карда шавад. Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар маоши вазифавии кормандони соҳаи маориф 21 маротиба зиёд карда шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.12.2025) қайд намуданд: «Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад.

Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳиму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам».

Омӯзгорон ғамхории Роҳбарияти олии кишварро дар ҳаққи худашон ба хубӣ эҳсос мекунанд ва бо масъулияти дучанд заҳмат мекашанд. Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар садҳо муассисаи томактабӣ, таҳсилоти миёна ва олӣ соҳта ба истифода дода шуд ва ин кор бо суръат идома дорад. Ин гувоҳи он аст, ки ояндаи маориф ва давлати тоҷикон дурахшон аст.

Қаҳрамони мо-омӯзгори соҳибтаҷриба, устоди садҳо шогирди хушному муваффақ Мурод Раҳимов дар роҳи шукуфоии бештари Ватани азизамон заҳмат мекашад.

***Қобил УМАРОВ,***
***омӯзгори филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара***

БА ОЗМУН

# Тулуи хуршеди саодат

***Омӯзгор фардест, ки мардумро аз тирагӣ ба сӯйи равшанӣ ва аз ҷаҳолат ҷониби илму хирад ҳидоят менамояд.***

Омӯзгор дар ҳамаи давру замон миёни аҳли ҷомеа аз иззату эҳтиром бархӯрдор мебошад.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» арҷгузорӣ ба заҳмати омӯзгор ва нишонаи эҳтироми давлат ба роҳнамову равшангари роҳи маърифат ба ҳисоб меравад. Қонун аз 6 боб ва 16 модда иборат буда, нуҳ принсипи асосиро дар бар мегирад: қонуният, инсондӯстӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои омӯзгор, баланд бардоштани маҳорати касбӣ, таъминоти иҷтимоии омӯзгор, ҳамкорӣ бо падару модар дар раванди таълиму тарбия, дахолат накардан ба фаъолияти касбӣ, манъи ҷалби омӯзгор ба корҳои ғайритаълимӣ, манъи санҷишҳои ғайрисоҳавӣ нисбат ба фаъолияти омӯзгор.

Мутобиқи қонуни мазкур, шаъну шарафи омӯзгор дахлнопазир мебошад. Эҳтироми омӯзгор на танҳо аз ҷониби давлат, балки аз ҷониби ҷомеа низ таъмин мегардад. Ҳар гуна амале, ки боиси паст задани обруи омӯзгор мегардад, манъ шудааст.

Тибқи қонуни мазкур, ба омӯзгор як қатор ҳуқуқҳои муҳим дода шудаанд. Масалан, талаб кардани шароити зарурӣ барои таълим, интихоби усул ва шаклҳои таълим тибқи стандартҳои давлатӣ, иштирок дар таҳияи барномаҳо ва китобҳои дарсӣ, истифодаи технологияҳои нав ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, гузаштан аз аттестатсияи ғайринақшавӣ, гирифтани рухсатии меҳнатӣ тибқи қонун, ба таъхир гузоштани хидмати ҳарбии муҳлатнок дар давраи фаъолияти омӯзгорӣ, машғул шудан ба фаъолияти инфиродии таълимӣ, ҳавасмандгардонӣ барои ихтироъ ва навовариҳои эҷодӣ аз зумраи ҳуқуқҳои пешбинишуда дар қонуни зикршуда мебошанд. Чунин ҳуқуқҳо ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки озодона фаъолият намуда, дар баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия саҳми бориз гузоранд.

Дар моддаи 3-юми Қонун «Дар бораи мақоми омӯзгор» гуфта шудааст: «Омӯзгор ба корҳои ғайритаълимӣ ҷалб карда намешавад. Ҷалби омӯзгор ба фаъолиятҳое, ки бо раванди таълиму тарбия алоқаманд нестанд, манъ аст». Дар асоси ин модда омӯзгор дигар ба ҷамъоварии маблағи обунаи нашрияҳо ва корҳои берун аз муассисавӣ маҷбур карда намешавад. Ин меъёр бори аввал ба таври расмӣ омӯзгорро аз ҳама гуна фишори маъмурӣ ва супоришҳои ғайрисоҳавӣ озод мекунад.

Баланд бардоштани маоши омӯзгорон аз ояндаи неки соҳа дарак медиҳад ва ин омил сафи омӯзгорони соиҳибистеъдоди ҷавонро дар муассисаҳои таълимӣ зиёд менамояд.

Бо дастури Пешвои миллат солҳои охир барои омӯзгорони деҳот имтиёзҳои иловагӣ муқаррар гардид, аз ҷумла, имкони соҳиби манзили истиқоматӣ гардидан фароҳам оварда шудааст.

Илова бар ин, давлат ба омӯзгорон ҳангоми фаъолият аз гузаштан муоинаи тиббӣ ва бозомӯзии ройгонро кафолат медиҳад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки қонуни мазкур на танҳо санади ҳуқуқӣ, балки нишонаи эҳтироми баланди Пешвои миллат ба соҳаи маориф ва қадрдонии заҳмати омӯзгор маҳсуб меёбад.

***Оҳистамо ҶУМЪАХОНОВА,***
***омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Роштқалъа***

АНДЕША

***Дар ҳама давру замон устодон ҳамчун чароғи роҳи маърифат ва парваришдиҳандаи зеҳну ахлоқи инсон шинохта шудаанд. Бе устоду омӯзгор на илм рушд мекунад ва на ахлоқи инсонӣ такмил меёбад. Маҳз тавассути заҳмати онҳо насли наврасу ҷавон соҳиби дониш, фарҳанг ва худшинос мегарданд.***

# Таҳкимбахши мақоми омӯзгор

Омӯзгор яке аз пояҳои асосии ҷомеаи мутамаддин ба шумор меравад. Ҳеҷ як давлат наметавонад бе омӯзгорони босавод, содиқ ва дорои мақоми иҷтимоии баланд пешрафт кунад. Аз ин рӯ, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» барои мустаҳкам намудани заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии фаъолияти омӯзгорон аҳаммияти бузург дорад.

Дар он омӯзгор ҳамчун шахсияти калидӣ дар тарбия ва таълими насли наврас эътироф гардида, касби омӯзгорӣ ҳамчун фаъолияти пуршараф, масъулиятнок ва барои рушди давлату ҷомеа муҳим арзёбӣ гардидааст.

Дар асоси қонун шаъну шараф ва эътибори омӯзгор боз ҳам баланд гардида, барои фаъолияти касбиаш шароити мусоид фароҳам мегардад.

Яке аз нуктаҳои муҳимми қонун муайян намудани ҳуқуқҳои омӯзгор мебошад, аз ҷумла, ҳуқуқ ба эҳтиром, ҳифзи шаъну шарафи касбӣ, фаъолияти озоди педагогӣ, истифодаи усулҳои муосири таълим, иштирок дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва такмили ихтисос. Ҳамзамон, қонун омӯзгорро аз дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти касбиаш ҳимоя намуда, ҷалби ӯро ба корҳои ғайритаълимӣ, аз қабили корҳои хоҷагӣ, ҷамъоварии маблағ, санҷишҳои беасос ва дигар вазифаҳои ба омӯзиш алоқаманднабуда манъ мекунад.

Дар баробари ҳуқуқҳо, уҳдадориҳои омӯзгор низ муайян гардидаанд. Аз ҷумла, риояи одоби касбӣ, эҳтироми ҳуқуқи хонандагон, падару модарон ва ҳамкорон, таъмини сифати таълиму тарбия, такмили доимии дониш ва малакаи касбӣ. Қонун, ҳамчунин, кафолатҳои иҷтимоии омӯзгоронро дар бар гирифта, нақши давлатро дар ҳифз ва дастгирии онҳо таъкид менамояд. Дар маҷмуъ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» ба таҳкими мавқеи омӯзгор дар ҷомеа, баланд бардоштани масъулияти касбӣ, беҳтар шудани сифати таҳсилот ва ташаккули насли босаводу худогоҳ мусоидат менамояд.

Қабули чунин қонун омӯзгорро ҳамчун шахси калидӣ дар рушди ҷомеа эътироф мекунад ва барои баланд бардоштани обрую эҳтироми ӯ дар ҷомеа асоси ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

***Азамҷон УСМОНОВ,***
***устоди ДПДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд***

*Чун зи ҷоми бехудӣ ратле кашӣ,*
*Кам занӣ аз хештан лофи манӣ.*
*Ҳофизи Шерозӣ*



ПОСУХ

# Ҳубоб аз рӯравиҳо таҳти дарёро чӣ медонад...

*Вокуниш ба мақолаи «Маориф. Чаро аз пашша фил месозему «фил»-ҳои воқеиро нодида мегирем?!», ки дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» (№61 аз 3 апрели соли 2026), сомонаи расмии рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва саҳифаи фейсбукии рӯзноманигор Карорматулло Ато нашр шудааст)*

**ПЕШГУФТОР**

Дар фазои иттилоотии муосир, ки матбуот на танҳо василаи интиқоли хабар, балки омили ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва ҳифзи арзишҳои давлатӣ маҳсуб меёбад, мавқеи журналистӣ бояд бо масъулияти баланди сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ ифода гардад. Махсусан, вақте сухан дар бораи соҳае меравад, ки пояи ҳастии миллат, яъне, маориф ва шахсияти омӯзгор аст.

Мақолаи таҳти унвони «Маориф. Чаро аз пашша фил месозему «фил»-ҳои воқеиро нодида мегирем?!», ки дар рӯзномаи «Ҷумҳурият», сомонаи рӯзномаи «Ҷумҳурият» бе имзо ва дар саҳифаи фейсбукии рӯзноманигор Карорматулло Ато нашр шудааст, аз нигоҳи аввал метавонад ҳамчун як андешаи интиқодӣ ва таҳлилии журналистӣ арзёбӣ гардад. Аммо таҳлили амиқ нишон медиҳад, ки муаллиф дар чанд нуқтаи калидӣ на танҳо аз мантиқи илмӣ ва воқеияти ҳуқуқӣ дур мондааст, балки бар зидди меъёрҳои санадҳои расмии давлатӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» мавқеъ гирифтааст.

Аввалин ва муҳимтарин масъала муносибат ба талаботи қонун мебошад. Тавре дар моддаи 11-и қонуни мазкур таъкид шудааст, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо вазифадоранд, омӯзгорро ба фаъолияти ғайрисоҳавӣ ҷалб накунанд, аз ҷумла, ба ҷамъоварии маблағҳо, обунаи маҷбурӣ ва дигар амалҳое, ки ба раванди таълиму тарбия иртибот надоранд. Ин меъёр ифодаи сиёсати давлатии Пешвои миллат дар самти ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор ва озодсозии ӯ аз ҳар гуна фишорҳои беруна мебошад.

Аммо муаллифи мақолаи зикршуда, баръакс, кӯшиш кардааст, ки чунин амалҳоро «мушкилоти ҷузъӣ» ва ҳатто «бемавқеъ» нишон диҳад. Ин гуна бархӯрд на танҳо содасозии масъала, балки нодида гирифтани моҳияти сиёсати давлатӣ аст. Чунки ҳар як «30-50 сомонӣ», ки аз омӯзгор ё волидайн ситонида мешавад, дар сатҳи инфиродӣ метавонад ночиз намояд, аммо дар умум, ба як падидаи хавфнок, яъне, одат кардани ҷомеа ба вайроншавии меъёрҳои ҳуқуқӣ мубаддал мегардад.

Муаллиф ҳатто ба таври пинҳонӣ чунин фикрро тарғиб мекунад, ки гӯё матбуот набояд ин гуна масъалаҳоро матраҳ кунад, зеро ин метавонад «обрӯи соҳа»-ро коста гардонад. Ин андеша аз нигоҳи илмии журналистика комилан нодуруст аст, зеро вазифаи матбуоти миллӣ пинҳон кардани мушкилот нест, балки бо усули масъулона ва созанда ошкор ва бартараф намудани онҳост. Маҳз бо дарки ин масъала, роҳбарияти Вазорати маориф ва илм дар тамоми мулоқоту вохӯриҳо бо намояндагони ВАО даъват ба амал меоранд, ки барои ошкор ва бартараф намудани ин ё он камбуду мушкилот дар паҳлуи онҳо бошанд. Пинҳонкорӣ на ҳифзи обрӯ, балки суст кардани эътимоди ҷомеа ба давлат мебошад.

Дар ҳамин замина, зиддияти ҷиддӣ дар мавқеи муаллиф мушоҳида мешавад: аз як тараф, ӯ аз сиёсати Пешвои миллат дар ҷалби мардум ба китобхонӣ ва баланд бардоштани мақоми омӯзгор ситоиш мекунад, аз тарафи дигар, амалҳое, ки мустақиман бар хилофи қонун ва сиёсатанд (масалан, ҷалби омӯзгор ба корҳои ғайрисоҳавӣ ё фишор барои обуна), муҳим арзёбӣ менамояд. Ин на танҳо зиддияти мантиқӣ, балки норасоии дарки сиёсати давлатӣ мебошад.

**БОЗГАШТ БА МУҚАДДИМАИ МАҚОЛА**

Муаллиф дар муқаддимаи мақолааш як навъ суолгузорӣ мекунад: «...бо вуҷуди «татбиқи босамар»-и барномаҳои беҳисоби давлатӣ ҳалли мушкил вобаста ба нарасидани ҳамагӣ 2-3 ҳазор омӯзгор дар қаламрави кишвар аз як Паёми Пешвои муаззами миллат то Паёми дигарашон таъхир мехӯрад? ... вале Вазорат бо соҳибии миллиардҳо сомонӣ аз буҷети давлатӣ ва миллионҳо доллар сармояи хориҷӣ дар ин самт ҳамчунон ноуҳдабаро боқӣ мемонад?». Чунин масъалагузории муаллиф касро ба ҳайрат мегузорад ва ба худ суол медиҳад: оё ин журналист миёни вазорату соҳа фарқ мегузошта бошад?

Соҳаи маориф ва илм дар сиёсати иҷтимоии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар меҳвар қарор дорад. Аз буҷаи давлат дар соли 2026 ба соҳаи маориф 13,7 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки 7% маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва 20% қисми хароҷоти буҷети давлатиро ташкил дода, нисбат ба соли 2025 ба маблағи 2 миллиарду 767 миллион сомонӣ ё ин, ки 25,4% зиёд мебошад. Аммо ба таваҷҷуҳи муаллифи муҳтарам мерасонем, ки дар маҷмуъ, тавассути дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 72,7 миллион сомонӣ (аз ин 25,7 миллион сомонӣ барои музди маош ва нигаҳдории дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва боқимонда барои татбиқи 3 барномаи давлатӣ ва муассисаҳои тобеъ) хароҷот карда мешаваду халос. Дигар маблағҳо тавассути мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояту шаҳру ноҳияҳо ва дигар вазорату кумитаву ташкилоте, ки дар тобеияташон муассисаи таълимӣ доранд, татбиқ мешаванд. Аз ин рӯ, пеш аз нашри мақола хуб мешуд, агар муаллиф боре аз масъулини вазорат дурустии татбиқшавии маблағҳоро дақиқ мекард.

**УШТУРА ГУФТЕМ ҒАМЗА КУН...**

Қисмати дигари мақола, ки ба муқоисаи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Омӯзгор» бахшида шудааст, боз ҳам бештар суолҳои ҷиддӣ ба миён меорад. Муаллиф кӯшиш мекунад, ки бо овардани чанд рақам ва далелҳои интихобӣ «Ҷумҳурият»-ро ҳамчун минбари асосӣ ва муассир барои омӯзгорон муаррифӣ намояд. Аммо ин муқоиса аз нигоҳи илмӣ ва касбӣ чандон устувор нест.

**Якум,** бояд ба таври возеҳ дарк кард, ки рисолати нашрияҳои мазкур куллан гуногун аст. «Ҷумҳурият» ҳамчун рӯзномаи сиёсӣ ва умумимиллӣ вазифаи фарогири иттилоотӣ дорад, дар ҳоле ки «Омӯзгор» нашрияи соҳавӣ буда, мустақиман ба ниёзҳои касбии омӯзгорон равона шудааст. Муқоисаи ин ду нашрия бидуни ба инобат гирифтани фарқияти рисолат ва аудитория иштибоҳ мебошад.

**Дуюм,** арзёбии нашрия танҳо аз рӯйи нархи обуна ё шумораи мақолаҳо наметавонад нишондиҳандаи воқеии таъсир ва аҳаммияти он бошад. Нашрияи «Омӯзгор» дар тӯли фаъолияти худ ба як мактаби воқеии фикрӣ ва методӣ барои омӯзгорон табдил ёфтааст. Он на танҳо масъалаҳоро инъикос мекунад, балки роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод, таҷрибаи пешқадамро тарғиб ва ба такмили ихтисоси омӯзгор мусоидат менамояд.

**Сеюм,** иддаои муаллиф дар бораи «тиҷоратӣ» будани «Омӯзгор» на танҳо беасос, балки аз нигоҳи ахлоқӣ низ қобили қабул нест, зеро ҳар як нашрияи соҳавӣ барои таъмини фаъолияти худ ба манбаъҳои молиявӣ ниёз дорад ва ин маънои онро надорад, ки ҳадафи он фоида аст. Баръакс, фаъолияти «Омӯзгор» бештар ба хидматрасонии маънавию касбӣ нигаронида шудааст, на ба манфиати иқтисодӣ.

**Чорум,** муаллиф як нуктаи калидиро нодида гирифтааст: барои омӯзгор муҳим на танҳо дастрасӣ ба иттилооти умумӣ, балки дастгирии касбӣ, методӣ ва маънавист. Ва маҳз ҳамин рисолатро «Омӯзгор» иҷро мекунад. Агар «Ҷумҳурият» минбари умумимиллӣ бошад, «Омӯзгор» минбари касбӣ ва ихтисосии омӯзгор аст ва ин фарқият на камбуд, балки бартарии он аст.

Аз ин рӯ, метавон бо итминон гуфт, ки аз нигоҳи муҳтаво, самтгирӣ ва аҳаммият барои аудиторияи мақсаднок нашрияи «Омӯзгор» на танҳо ҳамсанг, балки дар бисёр ҷанбаҳо болотар аз «Ҷумҳурият» қарор дорад. Зеро он ба ниёзҳои воқеии омӯзгор посух медиҳад, на танҳо ба ташаккули афкори умумӣ.

Дар маҷмуъ, мақолаи баррасишуда намунаи он аст, ки чӣ гуна норасоии дарки сиёсати давлатӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ метавонад ба таҳлили ярақтарафа ва хулосаҳои нодуруст оварда расонад. Дар шароите, ки давлат ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад, матбуот бояд ҳамқадам бо ин сиёсат бошад, на дар муқобили он.

Аз ин рӯ, журналисти муҳтарам бояд дарк намояд, ки ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор танҳо бо суханони зебо не, балки бо риояи қатъии қонун, эҳтироми ҳуқуқи ӯ ва дастгирии воқеии касбии ӯ имконпазир аст. Ва дар ин роҳ, нашрияҳое мисли «Омӯзгор» нақши калидӣ доранд.

Чунин тарзи муқоисагузорӣ, танҳо ҳамон гуфтаи «Уштура гуфтем ғамза кун...»-ро ба ёд меораду бас.

**«МАТЕМАТИКА ШОҲИ ФАНҲОСТ»**

Ин шиори олими бузурги олмонӣ Карл Фридрих Гаусс дар тамоми синфхонаҳои таълимии фанни математикаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ насб шудааст. Баъд аз мутолиаи мақолаи К. Ато кас ба хулоса меояд, ки мавсуф на танҳо аз ин шиор бехабар аст, балки одитарин ҳисоби математикиро намедонад. Бо овардани чанд рақами математикӣ, журналист дарк намекунад, ки хонандаро як навъ ба иштибоҳ меандозад. Бубинед, чӣ менависад: «...имрӯз ин рӯзнома (манзур «Ҷумҳурият» аст) бо арзиши ҳамагӣ 95 дирам фурӯхта мешавад. ...ин нашрия (манзур ҳафтаномаи «Омӯзгор» аст) на рӯзнома, балки ҳафтанома буда, соле ҳамагӣ 52 нусха аз чоп мебарояд, вале бо арзиши нисбатан хеле баланд, аниқтараш бо 185 сомонӣ ба омӯзгорон «ихтиёрӣ» фурӯхта мешавад. Яъне, агар муаллим рӯзномаи воқеиро имкони ҳамарӯза бо 95 дирам хондан дошта бошад, нашрияи соҳавияшро қариб 3 сомониву 60 дирам (!) бояд, ки бихарад.» Мо ба журналист дарси математикӣ доданӣ нестем, аммо барои хонанда як нуктаро шарҳ медиҳем. Нахуст, агар рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар як ҳафта 5 маротиба нашр шавад, пас арзиши якҳафтаинаи он (0,95x5=4,75) 4 сомонию 75 дирам мешавад. Яъне, дар як ҳафта муаллим бо нархи 4 сомонию 75 дирам рӯзнома мехарад. Нашрияи «Омӯзгор» на 185 сомонӣ, балки 138 сомонӣ арзиш дорад, ки омӯзгор дар як ҳафта бо нархи 2 сомонию 65 дирам рӯзнома харидорӣ мекунад.

Ҳамзамон, дар аксар маврид рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар формати А2 дар 4 саҳифа нашр мешавад, ки 8 саҳифаи формати А3-ро ташкил медиҳад. Ҳафтаномаи «Омӯзгор» дар формати А3 бо 16 саҳифа, бо 4 саҳифаи ранга ҳар ҳафта нашр мешавад. Акнун, хонандаи закӣ худ қазоват кунад, ки кадоме аз ин нашрияҳо барои муаллим арзону кадоме гарон аст!?

Нуктаи дигар ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки муаллиф «Маҳз ҳамин андеша маро чун муаллиме, ки собиқаи беш аз 30-сола ва Аълочии соҳа унвон дорам, водор сохт...» менависад. Аҷабо, ҳар нафаре, ки бо рӯзноманигор Карорматулло Ато шинос аст, хуб медонад, ки мавсуф соли 1994 таваллуд шудаву ҳамагӣ 32 сол дорад ва чӣ гуна як навраси 2-сола ба пешаи омӯзгорӣ пардохтаасту ҳамакнун собиқаи сисолаи корӣ дорад!?




Китоби номзади илмҳои техникӣ Номвар Қурбон «Мушкилоти тағйирёбии иқлим: назарҳо оид ба сабабҳо, пайомадҳо ва равишҳои мутобиқшавӣ» ба нашр расид.

МЕҲРНОМА

## ҲАМРАЪЙИИ КАСБӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ АХЛОҚИИ ЖУРНАЛИСТ

Аслан дар фазои иттилоотии ҳар як ҷомеаи мутамаддин, махсусан, ҷомеаҳое, ки дар марҳалаи таҳкими давлатдорӣ ва худшиносии миллӣ қарор доранд, мафҳуми ҳамраъйии касбӣ яке аз сутунҳои асосии фаъолияти журналистӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамраъйии касбӣ, пеш аз ҳама, маънои онро дорад, ки намояндагони як соҳа (дар ин мавриди журналистон) новобаста аз гуногунии мавқеъ ва минбарҳои худ бояд якдигарро эҳтиром намоянд, фаъолияти ҳамдигарро бо адолат арзёбӣ кунанд ва дар баррасии масъалаҳо аз ҳадди инсоф ва меъёрҳои касбӣ берун нараванд. Ин принсип, махсусан, дар ҳолатҳое аҳаммияти бештар пайдо мекунад, ки баҳсҳо ба масъалаҳои ҳассос, аз ҷумла, соҳаҳои иҷтимоӣ, мисли маориф дахл доранд.

Мутаассифона, таҳлили мақолаи нашршуда нишон медиҳад, ки муаллиф дар бархӯрди худ ба ҳамкасбони соҳаи дигар, яъне, аҳли эҷоди нашрияи «Омӯзгор» на танҳо аз ин меъёр дур рафтааст, балки дар баъзе мавридҳо ба таври ошкоро беэҳтиромӣ кардааст. Ин ҳолат на танҳо як масъалаи инфиродӣ, балки нишонаи нодида гирифтани фарҳанги муоширати касбӣ мебошад.

Аввалин нуктае, ки дар ин замина диққатро ҷалб мекунад, тарзи баёни андешаҳо дар бораи нашрияи «Омӯзгор» аст. Муаллиф бо истифода аз муқоисаҳои яктарафа ва баъзан бо лаҳни танқидии сахт, кӯшиш кардааст, ки ин нашрияро ҳамчун як сохтори «тиҷоратӣ» ва камсамар муаррифӣ намояд (ин дар ҳолест, ки нашрияи «Омӯзгор» дар қиёс бо рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар баробари обуна кардан, аз буҷети давлат маблағгузорӣ намешавад). Ин гуна бархӯрд, агарчи метавонад ҳамчун як андешаи шахсӣ арзёбӣ шавад, аммо дар чаҳорчӯби журналистикаи касбӣ бояд бо эҳтиёт, бо далелҳои мукаммал ва бо риояи эҳтиром ба фаъолияти дигарон пешниҳод гардад.

Дар ҳолати мавриди баррасӣ муаллиф на танҳо аз таҳлили мутавозин худдорӣ кардааст, балки фаъолияти як нашрияи соҳавиро, ки солҳо ба манфиати омӯзгорон хидмат мекунад, ба таври умумӣ зери суол бурдааст. Ин амал аз нигоҳи ахлоқии журналистика қобили қабул нест, зеро танқид бояд созанда бошад, на таҳқиромез, ба такмил мусоидат кунад, на ба паст задани нуфуз.

Дуюм, дар мақола тамоюли равшани муқобилгузории сунъӣ байни ду нашрия – «Ҷумҳурият» ва «Омӯзгор» мушоҳида мешавад. Ин гуна муқоиса, ки бидуни дарназардошти рисолати гуногуни ин ду минбар анҷом дода шудааст, на танҳо нодуруст аст, балки метавонад ҳамчун кӯшиши боло бурдани нуфузи як нашрия аз ҳисоби паст задани дигаре арзёбӣ гардад. Дар ҳоле ки принсипи ҳамраъйии касбӣ талаб мекунад, ки ҳар як минбар бо эҳтиром ба ҷойгоҳи худ ва дигарон арзёбӣ шавад.

Сеюм, муаллиф дар баррасии масъалаи обуна ва фаъолияти нашрияҳои соҳавӣ аз як навъ умумисозии носаҳеҳ истифода кардааст. Ӯ бе пешниҳоди таҳлили амиқ ва муқоисаи воқеӣ ба хулосаҳои қатъӣ мерасад, ки гӯё нашрияҳои соҳавӣ, аз ҷумла, «Омӯзгор» ба манфиати омӯзгорон ҷавобгӯ нестанд. Ин гуна хулосаҳо, ки бар асоси далелҳои маҳдуд ва интихобӣ пешниҳод мешаванд, на танҳо илман заифанд, балки метавонанд ба обрӯи як гурӯҳи пурраи эҷодӣ таъсири манфӣ расонанд.

Дар ин замина, бояд таъкид кард, ки эҳтиром ба меҳнати дигарон, бахусус, ҳамкасбон яке аз меъёрҳои асосии фаъолияти журналистист. Нашрияи «Омӯзгор» на танҳо як минбари иттилоотӣ, балки мактаби фикрӣ, фазои касбӣ ва платформаи рушди маърифатии омӯзгорон мебошад. Паст задани чунин минбар бидуни таҳлили ҳамаҷониба дар асл, беэҳтиромӣ ба тамоми ҷомеаи омӯзгорон низ мебошад.

Чаҳорум, дар мақола норасоии як унсури муҳимми журналистика, яъне, тавозуни назарҳо ба назар мерасад. Муаллиф танҳо як мавқеъро пеш мебарад ва барои пешниҳоди дидгоҳи муқобил ё андешаи намояндагони нашрияи «Омӯзгор» ҷой намегузорад. Ин ҳолат низ хилофи меъёрҳои касбӣ буда, нишон медиҳад, ки мавод бештар хусусияти субъективӣ дорад, на таҳлилии воқеӣ.

Аз ин ҷо, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бархӯрди муаллифи «Ҷумҳурият» нисбат ба аҳли эҷоди «Омӯзгор» на танҳо аз доираи ҳамраъйии касбӣ берун рафтааст, балки дар баъзе мавридҳо ба меъёрҳои одии эҳтироми инсонӣ низ ҷавобгӯ нест. Ин гуна муносибат, агар ба як раванд табдил ёбад, метавонад ба фазои умумии журналистика таъсири манфӣ расонад ва сатҳи эътимоди ҷомеаро коҳиш диҳад.

Дар шароити имрӯза, ки ҷомеа ба иттилооти боэътимод ва таҳлили масъулона ниёз дорад, журналистон бояд на танҳо нақши интиқодгар, балки муттаҳидкунанда ва созандаро низ иҷро намоянд. Ҳамраъйии касбӣ дар чунин ҳолатҳо на маънои даст кашидан аз танқид, балки маънои пешниҳоди танқиди одилона, бо эҳтиром ва бо ҳадафи такмил мебошад.

Метавон гуфт, ки риояи меъёрҳои ахлоқии журналистика ва эҳтиром ба ҳамкасбон на танҳо нишонаи фарҳанги касбӣ, балки шарти зарурии рушди солими фазои иттилоотӣ мебошад. Ва ҳар гуна бархӯрде, ки аз ин меъёрҳо дур меравад, бояд бо вокуниши масъулона ва таҳлили ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардад, то ки арзишҳои асосии журналистика – адолат, эҳтиром ва ҳақиқат ҳифз шаванд.

### ХУЛОСА

Дар ҷамъбаст бо итминони комил метавон гуфт, ки мақолаи пешниҳодшуда на ҳамчун як таҳлили воқеӣ ва масъулонаи журналистӣ, балки бештар ҳамчун намунаи бархурди сатҳӣ, яктарафа ва дур аз меъёрҳои касбӣ зуҳур кардааст. Муаллиф ба ҷои дарки амиқи сиёсат ва санадҳои ҳуқуқии давлат, махсусан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои комилан принсипӣ ва бо сиёсати давлатӣ танзимшавандаро ба сатҳи «ҷузъӣ» ва «ноарзиш» поин барад. Ин гуна содасозии масъала, дар асл, на танҳо таҳриф кардани воқеият, балки беэътиноӣ ба сиёсати ҳадафмандонаи давлат дар самти ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор мебошад.

Беш аз ин, муқоисаи сунъӣ ва ғайрикасбии байни нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Омӯзгор» нишон дод, ки ин равиш хилофи ахлоқи журналистика, меъёрҳои ҳамраъйии касбӣ ва фарҳанги муошират иттилоотист. Нашрияи «Омӯзгор» бо тамоми муҳтавои худ як минбари махсусгардонидашудаи рушди касбӣ, методӣ ва маънавии омӯзгор буда, арзиши он бо меъёрҳои содаи бозорӣ ё муқоисаҳои рӯякӣ арзёбӣ намешавад.

Дарвоқеъ, қимати як нашрия на бо арзонии коғаз ва теъдоди нусхаҳо, балки бо таъсири маънавӣ, нақши он дар рушди тафаккури касбӣ ва таҳкими пояҳои иҷтимоии давлат муайян мегардад. Аз ҳамин нуқтаи назар, «Омӯзгор» ҳамчун минбари соҳавӣ, ки мустақиман ба эҳтиёҷоти омӯзгор ҷавоб медиҳад, дар фазои маърифатии кишвар ҷойгоҳи хоси худро дорад ва наметавон онро бо усули муқоисаи сода ва ғайримуқаррарӣ камаҳаммият нишон дод.

Метавон ба таври қатъӣ хулоса кард, ки мақолаи мавриди назар на танҳо натавонистааст воқеияти соҳаи маориф ва масъалаи мақоми омӯзгорро дуруст инъикос намояд, балки дар баъзе ҷанбаҳо бо сиёсати давлатӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии журналистика зиддият дорад. Чунин мавод на ба ислоҳи камбудҳо мусоидат мекунанд ва на ба таҳкими эътимоди ҷомеа, балки баръакс, метавонанд боиси таҳрифи афкор ва коҳиши сатҳи масъулияти иттилоотӣ гардад.

Танқиди беасос, муқоисаи ғайрикасбӣ ва беэҳтиромӣ ба минбарҳои соҳавӣ на нишонаи ҷасорати журналистӣ, балки аломати заъфи таҳлил ва камбуди масъулияти касбӣ мебошад. Журналистикаи воқеӣ бошад, ҳамеша дар канори ҳақиқат, эҳтиром ва манфиати ҷомеа қарор дорад.

*Нашрияи «Омӯзгор»*

***P.S.:** Барои ҳайати эҷодии нашрияи «Омӯзгор» ин ҳам ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки чанд рӯз қабл журналисти рӯзномаи «Ҷумҳурият» Кароматулло Ато ба идораи нашрияи «Омӯзгор» ва дигар нашрияҳои соҳавӣ тамос гирифта, бо баҳонаи обуна шудани як омӯзгор маълумот ҷамъоварӣ намуда буд. Аммо баъди нашри мақола иқрор аст, ки навиштаи мазкур ба қалами ӯ тааллуқ надорад ва ӯ танҳо маълумотро ҷамъоварӣ намуда, ба идораи расмии рӯзнома пешниҳод кардааст. Дар рӯзнома ва сомонаи расмии «Ҷумҳурият» мақола бе имзо нашр шудааст, аммо чун маълумотро К. Ато аз идораи нашрияи мо гирифтаву тавассути саҳифаи фейсбукиаш маҳз ӯ мақоларо расонай кардааст, мо низ зарур шуморидем, ки дар мухотаби вокуниш мавсуфро қарор диҳем.*




## *Мадеҳаи «Омӯзгор»*

***Дар ҳошияи мақолаи «Маориф. Чаро аз пашша фил месозему «фил»-ҳои воқеиро нодида мегирем?!»***

***Бигӯям ҳадисе зи «Омӯзгор»,***
***Зи «Омӯзгор»-и ҳақиқатнигор.***
***Чӣ таърихи шоиста дорад ба худ,***
***Ки гар гӯй, шаҳнома хоҳад бишуд,***

***

***Тавассути он аҳли илму сухан,***
***Бузургону фарзонагони Ватан***
***Ситоиш намоянд кирдори нек,***
***Ба ҳарфи муҳаббат, ба гуфтори нек.***
***Санои муаллим бигӯяд мудом***
***Ба лутфу ба меҳру ба сад эҳтиром.***
***Навид оварад аз ҷаҳони адаб,***
***Варо сафҳа гӯё макони адаб.***
***Ба ҷуз ваҳдати мардуми тоҷвар***
***Набошад варо ормони дигар.***
***Ҷаҳони муаллим аз он равшан аст***
***Ва ҳам дар дифояш чу як ҷавшан аст.***
***Зи имрӯзу фардову аз бостон***
***Бигӯяд басе қиссаву достон.***
***Аз он чеҳраи ҳар ҳумоюнҳунар***
***Чу оина бошад накӯ ҷилвагар.***
***Бувад минбари хоси омӯзгор,***
***Ҳидоятгари хоси омӯзгор.***
***Ба дасти муаллим чу як парчам аст,***
***Парафшонияш шуҳрати олам аст.***
***Таконе ба кори муаллим диҳад,***
***Равиши гуворо ба таълим диҳад.***
***Ба аҳли маориф чу пайвандгар,***
***Ки пайванд будан биёрад самар.***
***Ба ҳар ҷо чу фардест боэҳтиром,***
***Ба таҳсини вай мешитобад мудом.***
***Беҳин раҳнамое ба инсон бувад,***
***Ки худ пири омӯзгорон бувад.***
***Ба ҳар сафҳааш як ҷаҳоне дигар,***
***Зи ҳар сатри он шуълае ҷилвагар.***
***Чу нахлест боровару комбахш,***
***Ба гуфтор ширину илҳомбахш.***
***Ғизодеҳу хушрангу дилҷӯ бувад,***
***Ҳидоятгари роҳи неку бувад.***
***Бикӯшад барои шукуфти Ватан,***
***Варо ҳар шумора чу як анҷуман...***

***

***Чӣ гӯям, ки наздики аҳли хирад***
***Далеле магар з-ин зиёда бувад:***
***Ба пешинзамон Ҷомии дурбин***
***Бигуфта ба «Омӯзгор» инчунин:***
***«Агар дар ҷаҳон набвад «Омӯзгор»,***
***Шавад тира аз бехирад рӯзгор».***


***Абдурауф МУРОДӢ***

*Асари кизб бувад ҳеҷкасӣ,*
*Ба касӣ гар расӣ, аз сидқ расӣ.*
*Абдураҳмони Ҷомӣ*



БАХШИДА БА РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК

***Рӯзи илми тоҷик ҳамасола якшанбеи сеюми моҳи апрел бо хотири арҷгузорӣ ба аҳли илму дониш, рушди тафаккури илмӣ ва саҳми олимон дар пешрафти кишвар таҷлил мегардад. Дар даврони истиқлол соҳаи илм дар кишвар рушд ёфта, аз ҷониби ҳукумат, бахусус, Пешвои миллат тавваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад.***




# Рушдбахши илму маърифати насли наврас

Аз даврони қадим мардуми соҳибтамаддуни тоҷик ба тарбияи фарзанд аҳаммияти хоса зоҳир намуда, барои дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишомӯзиву маърифатпарварӣ, ҷасорату ҷавонмардӣ ва рушди маънавии насли наврас ҷаҳду талош менамоянд. Бешак, тарбияи асосии шахсияти фарзанд дар оила гузошта мешавад. Баъди қадамҳои нахустини худро ба остонаи мактаб гузоштан ва маҳз дар ҳамкории зичи падару модар бо мактаб, шаклгирии шахсият мукаммал мегардад. Дар баробари ин, барои ҷалби хонандагон ба омӯзишу таҳқиқ дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон (4 декабри соли 1971) таъсис ёфт. Бо қарори ҷаласаи мазкур аввалин Президенти Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон академик Ю.Носиров пазируфта шуда, то соли 1979 дар ташаккули он саҳми арзанда гузошт.

Солҳои 1979-1981 роҳбарии АХИТ ба дӯши академик Х. Каримов вогузор гардид. Баъдан академикҳо Д. Почоҷонов, А. Буриев Ҳ. Ҳисориев роҳбарии онро ба зимма доштанд.

Аз соли 2025 доктори илмҳои иқтисодӣ М.Садриддинов роҳбарии Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Бояд қайд кард, ки шуруъ аз соли 1971 Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон хонандагони тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро барои таҳқиқи корҳои илмӣ ҷалб менамояд.

Бо ҳамин мақсад дар Тоҷикистон солҳои 2020-2040 Солҳои омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон гардид, ки тавассути он тамоми сохторҳои илму маориф ва умуман, муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки бо мақсади бунёди ояндаи дурахшон ба таълими илмҳои табииву риёзӣ зиёдтар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тафаккури техникии насли наврасу ҷавонро мустаҳкам гардонанд.

Дар зимн, беҳтарин довталабони Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон, ки ғолиби бахшҳои фанҳои дақиқ, табиӣ, риёзӣ ва ҷамъиятшиносӣ мегарданд, соҳиби дипломҳо ва унвонҳои фахрии узви вобаста ва узви пайваста (академик)-и Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон мешаванд. Иқтидору маҳорати илмии хонандагон дар шакли маърузаи илмӣ пазируфта шуда, нашр мешаванд. Асоси фаъолияти Академияи хурди илмҳои Тоҷикистонро бахшҳои ихтисосӣ, маҳфилҳои илмӣ, иттиҳодияҳои эҷодии хонандагон ва сессияҳои илмии аъзои он ташкил медиҳад, ки дар пояи институтҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд.

Академияи хурди илмҳо ба омода намудани мутахассисони пурдон ва эҷодкор, инчунин, такмил додани фаъолияти илмии муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳо мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки аз ҳисоби ҷавонони болаёқат неруи нав ҷалб карда шаванд.

*Мирсаид РАҲМОНОВ,*
*ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо*

МАВЗУИ РӮЗ

# Манбаи дониш

***Китоб беҳтарин насиҳатгари инсонҳост, зеро моро ба роҳи рост ҳидоят мекунад ва фарҳангамонро бой месозад.***

Айни ҳол дар кишварамон китобхонаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки дар онҳо ҳамаи шароитҳои ҳозиразамон фароҳам оварда шудаанд. Мутаассифона, ҳар гоҳе, ки ба китобхона меравам, шумори ками хонандагонро дида, афсӯс мехӯрам.

Фақат ба китобхонӣ ва дониши васеъ метавон ҷавононро аз шомилшавӣ ба ҳар гуна равияву ҳаракатҳо ва афкори нодуруст эмин нигоҳ дошт. Маводе, ки мо аз шабакаҳои интернетӣ мегирем ва мутолиа мекунем, барои саводнок шудани мо басандагӣ намекунад.

**Фавоиди хондан аз китоб:**

- ҳангоми китоб хондан аз пеши шумо ҳар гуна рекламаҳо ва ё ягон огаҳӣ намебарояд ва ин боис мегардад, ки диққататон танҳо ба маънои калом равона гардад;

- маълумоте, ки аз китоб мехонед, одатан бо тартиб ва муфассал мебошад;

- мутолиа кардан аз китоб хотираро мустаҳкам мекунад ва ҳангоми ба итмом расондани он агар як-як саҳифаҳоро варақ занед, тамоми хондаҳоятон боз ба хотир меоянд;

- ҳангоми мутолиа аз китоб чашмонатон камтар хаста мешаванд.

**Зарарҳои хондан аз интернет:**

- ҳар як маълумоте, ки тавассути интернет мехонед, боэътимод нест ва шумо маҷбур мешавед, ки онро ба пуррагӣ бисанҷед;

- аз шабакаҳои иҷтимоӣ ба шумо зуд-зуд ягон паём ва ё ягон огаҳӣ пайдо мешавад;

- муддати дароз нигоҳ кардан ба телефон боиси дардманди чашм ва заифии биноӣ мегардад;

- дар интернет ҷавобҳо ба таври хулоса мебошанд, ки ин шахсро ба кам фикр кардан водор месозад.

Хулоса, истифодаи воситаҳои техникӣ зарарнок нест, аммо истифодаи аз ҳад зиёд ва ё нодуруст метавонад ба саломатӣ, фарҳанг, маданият ва ба зеҳни ҷавонон таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, мо - аҳли ҷомеа ба фарзандони худ бояд фарҳанги истифодаи дурусти телефонро омӯзонем ва онҳоро бештар ба мутолиаи китобҳои бадеӣ ташвиқ намоем.

*Меҳроҷиддин ШОДИЕВ,*
*омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Зафаробод*

ОСОРИ МОНДАГОР

# Мактаби худшиносии миллӣ

Китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров аз гаронбаҳотарин асарҳои илмию таърихии халқи тоҷик ба шумор меравад. Ин асари бунёдӣ на танҳо таърихи пуршебу фарози тоҷиконро дар бар мегирад, балки ҳамчун мактаби худшиносиву худогоҳии миллии насли наврас ва ҷавонон хидмат мекунад. «Тоҷикон» дар бедор намудани ҳисси ифтихор ва худогоҳии миллӣ нақши калидӣ дорад. Муаллиф дар асар бо такя ба манбаъҳои муътамади таърихӣ исбот менамояд, ки тоҷикон миллати куҳанбунёд ва дорои таърихи ҳазорсола мебошанд.

Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари худ ташаккули давлатдорӣ, фарҳанг, забон, илму адаб ва саҳми тоҷиконро дар тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамаҷониба баррасӣ мекунад ва хонандаро водор месозанд, ки ба гузаштаи пурифтихорро аз худ намояд. Ҷанбаи муҳимми дигари худшиносӣ дар «Тоҷикон» таҳқиқи раванди муборизаи тоҷикон барои ҳифзи хувият, забон ва фарҳанг дар даврaҳои гуногуни таърих аст.

Китоби «Тоҷикон» аҳамияти бузурги тарбиявӣ низ дорад. Он насли ҷавонро дар руҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба таърих ва арзишҳои миллӣ тарбия мекунад.

*Матлуба ХӮҶАНДИҶОВА,*
*омӯзгори таърихи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Рӯшон*

АЗ ТАҶРИБА

# Намунаи дарси технологияи меҳнат дар синфи якум

***Дар машғулияти таълими меҳнат хонандагон маҳорати худро бо истифода аз коғазу картон, матоъ сайқалу рушд медиҳанд.***

Онҳо дар рафти ин корҳо моҳияти меҳнати дастиро амиқ дарк ва ба он бошуурона муносибат мекунанд.

Бамаврид аст, ки дар асоси таҷрибаи чандинсолаи худ машғулияти кор бо лойи сунъиро пешкаши омӯзгорон намоем.

Дар вақти таълими мавзуи мазкур, дар назди ҳар як хонанда фанер ё картони 35х30см, ки пешакӣ тайёр карда шудааст, мегузорем, то ки мизҳо олуда нашаванд.

Дар рафти дарс ба хонандагон аз лойи сунъӣ сохтани шакли сабзиро ёд медиҳем.

Сипас барои шиносоӣ аз овезаҳо истифода бурда, фаҳмиши онҳоро нисбат ба шакли сабзии сохташуда (сунъӣ) меомӯзонем.

Дар ин мавзуъ бо хонандагон саволу ҷавоб мекунем: Дар замини назди ҳавлиатон кадом сабзавот кишт мекунед? Онҳо ҷавоб медиҳанд: бобоям ҳамроҳи падарам сабзӣ, пиёз ва ғайра кишт мекунанд.

Барои боз ҳам сайқал додани фаҳмиши хонандагон аз чистонҳо истифода мебарем.

***Мехи заррин-таги замин***
**(сабзӣ)**
***Сӣ қабат, сила қабат***
***Ҳама қабат, бо як қабат***
**(пиёз)**
***Бобом дар дарун***
***Ришаш дар берун***
**(сабзӣ)**

Баъди он ки хонандагон дар бораи зироатҳои полезӣ тасаввурот ҳосил карданд, ба онҳо доир ба шакли сабзӣ маълумот медиҳем. Суҳбат ин тавр сурат мегирад:

- Гӯед, ки шакли сабзӣ чӣ гуна аст?

Хонандагон ҷавоб мегӯянд:

Шакли сабзӣ дарозрӯя аст.

- Рангаш чӣ?

- Рангаш зарди сурхча аст.

Баъд шакли сабзии аз лойи сунъӣ сохташударо ба хонандагон нишон дода, ба онҳо супориш дода мешавад, ки худашон аз лойи сунъӣ дар болои миз шакли сабзиро тайёр кунанд.

Ба шогирдон супориш дода мешавад, ки дар хона расми сабзиро дар дафтарашон тасвир намоянд.

*Паҳлавон НАЗАРОВ,*
*омӯзгори МТМУ №21-и ноҳияи Варзоб*

ҶАШНИ ФАРХУНДА



Яке аз муҳимтарин ва ҳикматбортарин анъанаҳои наврӯзӣ, покизагию поккорӣ мебошад. Ба муносибати ҷашни Наврӯз ҳама хонадон ҳавлию кӯча, боғу ҷӯйҳоро тозаю тамиз мекунанд. Наврӯз тантанаи зебоию тароватмандӣ ва ҳусну назокат аст. Дар Наврӯз на танҳо атрофу акноф, балки дилу ниятро низ покиза бояд кард. Бояд аз афкори пурғаразу кинаварона дилҳоро соф намуд, гуноҳҳои ҳамдигарро бахшид ва танҳо сухан аз меҳру муҳаббат, дӯстию рафоқат гуфт.

# Таҷассуми покизагию тозагӣ

Ҳикмати Наврӯз таъкид месозад: вақте ки одам хушхӯю хушниҳод аст, орзуҳои нек дар дил дорад ва ба касе хусумат намеварзад, ҳамеша сарбаланд хоҳад буд ва ба олами нурбор, ба рӯзгорони пурнишоту саодатмандона хоҳад расид.

Ҷашни бостонии Наврӯзи ориёӣ шукӯҳу шаҳомати беназир дорад ва бо фарорасии худ оламро мунаввару муаттар, зебою дилрабо мекунад, ба дилҳо фараҳу шодӣ мебахшад, ба комёбию дастовардҳои навин замина мегузорад.

*Алимаҳмад САЛИМОВ,*
*омӯзгори мактаби №44-и ноҳияи Айнӣ*

**Дар вилояти Хатлон омодабошӣ барои ҷалби ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар рӯзи якум 100 фоизи нақшаро ташкил дод.**

## ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

**Машғулияти шашум (синфҳои 8 ва 9)**
**Масъалаҳо бо татбиқи пайдарпайиҳо**

**Масъалаи 30.** Суммаро ҳисоб кунед:

$$S = \frac{1}{75 \cdot 77} + \frac{1}{77 \cdot 79} + \ldots + \frac{1}{2021 \cdot 2023} + \frac{1}{2023 \cdot 2025}.$$

**Масъалаи 31.** Қимати $f(x) = x^{1999} + 3x^{1998} + 4x^{1997} + 2x^{1996} + 4x^{1995} + 2x^{1994} + \ldots 4x^3 + 2x^2 + 3x +$ 1-ро ҳисоб кунед, агар $f(\sqrt[3]{2} - 1)$ бошад.

**Масъалаи 32.** Формула барои $a_n$-ро ёбед, агар пайдарпайии $(a_n)$ бо шартҳои зерин дода шуда бошад:

$$a_1 = 1,\ a_{n+1} = \frac{a_n}{\sqrt{1 + a_n^2}}.$$

**Масъалаи 33.** Исбот кунед, ки $7 + 7^2 + \ldots + 7^{4k}$ ба 400 тақсим мешавад, агар $k$ адади натуралӣ бошад.

**Ҳалли масъалаҳо**

**30. Ҳал.** Барои ҳисоб намудани суммаи додашуда аз формулаи табдилдиҳии касри воҳидӣ бо суммаи ду касри воҳидии дигари зерин истифода мекунем:

$$\frac{1}{(2n+1)(2n+3)} = \frac{1}{2}\left(\frac{1}{2n+1} - \frac{1}{2n+3}\right).$$

Баробарии овардашударо истифода бурда, суммаи матлубро ба намуди зерин менависем:

$$S = \frac{1}{2}\left(\frac{1}{75} - \frac{1}{77}\right) + \frac{1}{2}\left(\frac{1}{77} - \frac{1}{79}\right) + \ldots +$$
$$+ \frac{1}{2}\left(\frac{1}{2021} - \frac{1}{2023}\right) + \frac{1}{2}\left(\frac{1}{2023} - \frac{1}{2025}\right) =$$

Ҳамаи ҷамъшавандаҳои ҳосилшуда, ба ғайр аз касрҳои аввал ва охир, ҷуфт-ҷуфт ислоҳ мешаванд.

$$= \frac{1}{2}\left(\frac{1}{75} - \frac{1}{2025}\right) = \frac{1}{2} \cdot \frac{27 - 1}{75 \cdot 2025} = \frac{13}{151875}.$$

**Ҷавоб:** $\frac{13}{151875}$.

**31. Ҳал.** Агар $x = \sqrt[3]{2} - 1$ ё ки $x + 1 \sqrt[3]{2}$ бошад, ҳар ду тарафи онро ба куб бардошта, пайдо мекунем:

$$x^3 + 3x^2 + 3x - 1 = 0.$$

Ифодаи додашударо ба намуди зерин гурӯҳбандӣ мекунем:

$$f(x) = x^{1999} + 3x^{1998} + 4x^{1997} + 2x^{1996} + 4x^{1995} + 2x^{1994} + \ldots + 4x^3 + 2x^2 + 3x + 1 = (x^{1999} + 3x^{1998} + x^{1997} - x^{1996}) +$$
$$+ (x^{1997} + 3x^{1996} + 3x^{1995} - x^{1994}) + x^{1995} + 3x^{1994} + \ldots + 4x^3$$
$$+ 2x^2 + 3x + 1 = x^{1996}(x^3 + 3x^2 + 3x - 1) + x^{1994}(x^3 + 3x^2$$
$$+ 3x - 1) + \ldots + 1 = x^3 + 3x^2 + 3x - 1 + 2 = 0 + 2 = 2.$$

**Ҷавоб:** 2.

**32. Ҳал.** Дар ибтидо ба воситаи формулаи рекуррентӣ якчанд узвҳои пайдарпайиро меёбем. Узви якум $a_1 = 1$ маълум аст. Барои ёфтани $a_2$ дар формулаи рекурентии $a_{n+1} = \frac{a_n}{\sqrt{1 + a_n^2}}$ ба ҷои $n$ ба тарафҳои чап ва рости формула $n = 1$-ро мегузорем. Дар натиҷа $a_2 = \frac{a_1}{\sqrt{1 + a_1^2}}$-ро ҳосил мекунем. Акнун дар формулаи ҳосилшуда, ба ҷойи $a_1$, адади 1-ро гузошта, пайдо мекунем:

$$a_2 = \frac{a_1}{\sqrt{1 + a_1^2}} = \frac{1}{\sqrt{1 + 1}} = \frac{1}{\sqrt{2}}.$$

Барои ёфтани қимати $a_3$ дар формулаи рекуррентӣ ба ҷои $n$ адади 2-ро гузошта, қимати $a_3$-ро муайян мекунем:

$$a_3 = \frac{a_2}{\sqrt{1 + a_2^2}} = \frac{\frac{1}{\sqrt{2}}}{\sqrt{1 + \left(\frac{1}{\sqrt{2}}\right)^2}} = \frac{\frac{1}{\sqrt{2}}}{\sqrt{1 + \frac{1}{2}}} = \frac{\frac{1}{\sqrt{2}}}{\sqrt{\frac{3}{2}}} = \frac{\frac{1}{\sqrt{2}}}{\frac{\sqrt{3}}{\sqrt{2}}} = \frac{1 \cdot \sqrt{2}}{\sqrt{3} \cdot \sqrt{2}} = \frac{1}{\sqrt{3}}.$$

Ҳамин тариқ, мо қонуниятро барқарор намудем. Агар $n = 2$ ва дар зери решаи квадратӣ адади 2 ва агар $n = 3$ бошад, дар зери решаи квадратӣ адади 3 пайдо мешавад. Бинобар ин, тахмин намудан мумкин аст, ки $a_n = \frac{1}{\sqrt{n}}$ мешавад. Мо қонуниятро барқарор намуда, тахмин намудем, ки $a_n$-ро ба намуди $a_n = \frac{1}{\sqrt{n}}$ ифода кардан имконпазир аст. Акнун ҳаракат мекунем, ки ин формуларо бо ёрии индуксияи математикӣ исбот кунем. Пас индуксияро ба тариқи зерин месанҷем:

1) Формуларо ҳангоми $n = 1$ будан месанҷем. Ба тарафи чап ва рости формулаи $a_n = \frac{1}{\sqrt{n}}$ адади 1-ро гузошта, $a_1$ = 1-ро ҳосил мекунем.

2) Тахмин мекунем, ки $a_n = \frac{1}{\sqrt{n}}$ дуруст аст, аз ин лиҳоз, дурустии формуларо барои $n + 1$ месанҷем. Барои ин $n + 1$-ро ба тарафҳои чап ва рости $a_n = \frac{1}{\sqrt{n}}$ гузошта, формулаи ҳосилшударо исбот кардан лозим аст, ки $a_{n+1} = \frac{1}{\sqrt{n+1}}$ мешавад.

Дар ин маврид $a_n = \frac{1}{\sqrt{n}}$ мешавад. Мувофиқи шарти $a_{n+1} = \frac{a_n}{\sqrt{1 + a_n^2}}$ аст, ба ҷойи $a_n$ дар формулаи мазкур $a_n = \frac{1}{\sqrt{n}}$-ро мегузорем:

$$a_{n+1} = \frac{a_n}{\sqrt{1 + a_n^2}} = \frac{\frac{1}{\sqrt{n}}}{\sqrt{1 + \left(\frac{1}{\sqrt{n}}\right)^2}} = \frac{\frac{1}{\sqrt{n}}}{\sqrt{1 + \frac{1}{n}}} = \frac{\frac{1}{\sqrt{n}}}{\sqrt{\frac{n+1}{n}}} = \frac{\sqrt{n} \cdot \frac{1}{\sqrt{n}}}{\sqrt{n} \cdot \frac{\sqrt{n+1}}{\sqrt{n}}} = \frac{1}{\sqrt{n+1}}.$$

Ҳамин тавр, формулаеро ҳосил намудем, ки исбот намудани он зарур буд. Дар ҳақиқат, формула барои пайдарпайии $a_n$, $a_n = \frac{1}{\sqrt{n}}$ пайдо гардид.

**Ҷавоб:** $a_n = \frac{1}{\sqrt{n}}$.

**33. Ҳал.** Суммаи додашударо ба намуди зерин гурӯҳбандӣ мекунем:

$$7 + 7^2 + \ldots + 7^{4k} =$$
$$= (7 + 7^2 + 7^3 + 7^4) + (7^5 + 7^6 + 7^7 + 7^8) +$$
$$+ \ldots + (7^{4k-3} + 7^{4k-2} + 7^{4k-1} + 7^{4k}) =$$
$$= (7 + 7^2 + 7^3 + 7^4) + 7^4(7 + 7^2 + 7^3 + 7^4) +$$
$$+ \ldots + 7^{4k-4}(7 + 7^2 + 7^3 + 7^4) =$$
$$= (7 + 7^2 + 7^3 + 7^4)(1 + 7^4 + 7^8 + \ldots + 7^{7k-4}).$$

Пас суммаи $7 + 7^2 + 7^3 + 7^4 = 7 \cdot (1 + 7^1 + 7^2 + 7^3) =$ $7 \cdot 400$ ба 400 тақсим мешавад. Аз ин ҷо исботи тақсимшавии ифодаи матлуб ба 400 бармеояд.

**Ҷавоб:** Исбот шуд.

***Мамадҷон МАҲКАМОВ,***
***профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ***

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

# Масъалаҳои физикӣ дар дарс

***Дар ин мақола якчанд масъалаи ҷараёни тағйирёбанда ва заряди электрикиро ҳал менамоем. Барои ҳалли чунин масъалаҳо аввал бояд шарти масъаларо дуруст риоя кард. Алоқамандии бузургиҳои номаълумро ёфта, қиматҳои онро дар формула гузошта, қимати номаълуми онро меёбем.***

**Масъалаи 1.** Ноқили мисини изолятшуда дар ғалтак печонида шудааст. Ҳангоми 1.4В будани шиддат аз он ҷараёни қуввааш 0.4А ҷорӣ мешавад. Диаметри ноқили мисин 0.8 мм аст. Дарозии ноқили мисинро ёбед.

Дода шудааст:
U = 1.4В
$\mathcal{I}$ = 0.4Ам
d = 0.8мм = $0.8 \cdot 10^{-3}$
$D = 2\ell = 2 \cdot 2\pi R = 4\pi R = 4 \cdot 3.14 \cdot 0.8 \cdot 10^{-3}$м = $10 \cdot 10^{-3}$м
$\rho_{мис}$ = 8900 кг/м³ = 9000 кг/м³ ≈ $9 \cdot 10^3$ кг/м³

$\ell$ – ?

**Ҳалли масъала**

Барои ҳалли ин масъала аз формулаи муқовимати хоси ноқил истифода мебарем.

$$R = \frac{\rho\ell}{S} = \rho\frac{\ell}{S} \quad (1)$$

$$\mathcal{I} = \frac{U}{R} \qquad R = \frac{U}{\mathcal{I}} \quad (2)$$

Акнун формулаи (2)-ро дар формулаи (1) мегузорем.

$$R = \frac{\rho\ell}{S} \qquad R = \frac{U}{\mathcal{I}} \quad \frac{U}{\mathcal{I}} = \frac{\rho\ell}{S}$$
$$US = \rho\ell\mathcal{I} \qquad S = \ell \qquad U\ell = \rho\ell\mathcal{I} \quad (3)$$

Аз формулаи 3-юм дарозии ноқилро меёбем.

$$\ell = \frac{\rho\ell\mathcal{I}}{U} \qquad U = \frac{U}{4} \quad \ell = \frac{\rho\ell\mathcal{I}}{U} = \frac{\rho\ell\mathcal{I}}{\frac{U}{4}} =$$
$$= \frac{4\rho\ell\mathcal{I}}{U} \qquad \ell = \frac{4\rho\ell\mathcal{I}}{U}$$

Қиматҳои дар боло бударо дар ин формула гузошта, дарозии ноқили мисинро муайян мекунем.

$$\ell = \frac{4\rho\ell\mathcal{I}}{U} = \frac{4 \cdot 9 \cdot 10^3 \cdot 10 \cdot 10^{-3} \cdot 0.4A}{1.4B} =$$
$$= \frac{144}{1.4} = 102.85 = 103м$$

Дарозии ноқили мисин **Ҷавоб:** 103м.

**Масъалаи 2.** Массаи ноқили мисини муқовиматаш 2.91 Ом ва дарозии 1000м-ро ёбед.

Дода шудааст:
R = 2.91Ом
$\ell$ = 1000м
$\rho_{мис}$ = 8900 кг/м³
E = $1.7 \cdot 10^{-4}$ Па

m - ?

**Ҳалли масъала**

Барои ҳалли ин масъала аз формулаи қонуни Гук истифода мебарем

$$F = \frac{ES}{\ell} \cdot \Delta\ell = \frac{ES\Delta\ell}{\ell} \quad (1)$$

Акнун формулаи муқовимати хоси ноқилро дар ин формула мегузорем.

$$R = \rho\frac{\ell}{S} \qquad S = \frac{\rho\ell}{R}$$

$$F = \frac{ES\,\Delta\ell}{\ell} = \frac{E \cdot \frac{\rho\ell}{R} \cdot \Delta\ell}{\ell} = \frac{E\rho\ell\Delta\ell}{\ell R} = \frac{E\rho\Delta\ell}{R}$$
$$F = \frac{E\rho\Delta\ell}{R}$$

Формулаи қуввааи вазнинро дар ин формула гузошта, аз ин формула массаи

$$F = mq \qquad mq = \frac{E\rho\Delta\ell}{R} \qquad mqR = E\rho\Delta\ell$$

ноқили мисинро меёбем ва қиматҳои дар боло бударо дар он мегузорем.

$$m = \frac{E\rho\Delta\ell}{qR} = \frac{1.7 \cdot 10^{-4} \cdot 8900 \cdot 1000м}{2.91\ Ом \cdot 10м/с^2} =$$
$$= \frac{1.7 \cdot 8900 \cdot 10^{-4} \cdot 1000}{29.1} =$$
$$= \frac{1.7 \cdot 8900 \cdot 1000}{29.1} = \frac{1.7 \cdot 89 \cdot 10^{-4} \cdot 10^5}{29.1} =$$
$$= \frac{1.7 \cdot 89 \cdot 10}{29.1} = \frac{1513}{29.1} = 52\ кг$$

Яъне, массаи ноқили мисин 52 кг аст. **Ҷавоб:** 52кг

**Масъалаи 3.** Аз занҷири электрикӣ 1 А қуввааи ҷараён мегузарад. Агар ҚЭҲ-и батареяҳои аккумулятор 5В ва муқовимати дохилиаш 1 Ом бошад, муқовимати берунаи занҷир чанд аст?

Дода шудааст:
$\mathcal{I}$ = 1 А
ε = 5В
r = 1 Ом

R = ?

**Ҳалли масъала**

Барои ҳалли ин масъала мо аз формулаи қонуни дуюми Ом истифода мебарем.

$$\mathcal{I} = \frac{\mathcal{E}}{R + r} \quad \mathcal{I}(R + r) = \mathcal{E} \quad \mathcal{I}R + \mathcal{I}r = \varepsilon \quad (1)$$

R = ? Аз формулаи (1) муқовимати берунаи занҷирро меёбем.

$$\mathcal{I}R = \mathcal{E} - \mathcal{I}r \qquad R = \frac{\mathcal{E} - \mathcal{I}r}{\mathcal{I}}$$

Акнун қиматҳои дар боло бударо дар ин формула гузошта, муқовимати берунаи занҷирро меёбем.

$$R = \frac{\mathcal{E} - \mathcal{I}r}{\mathcal{I}} = \frac{5B - 1A \cdot 1Ом}{1A} = \frac{5 - 1}{1} =$$
$$= \frac{4}{1} = 4\ Ом.$$

Муқовимати берунаи занҷир 4 Ом будааст. **Ҷавоб:** 4 Ом.

**Масъалаи 4.** Обҷӯшонаки электрикӣ 720г оби ҳарорataш 20°С-ро дар чанд вақт мечӯшонад, агар шиддати шабака 120В қуввааи ҷараён 4А ва талафи гармӣ 20% бошад.

Дода шудааст:
m = 720г = $720 \cdot 10^{-3}$ кг
t = 20°С
U = 120В
$\mathcal{I}$ = 4А
η = 20%= 0.2%

t = ?

**Ҳалли масъала**

Аз формулаи миқдори гармӣ ва кори қуввааи ҷараён истифода мебарем.

$$Q = Cm\Delta t \ (1) \qquad Q_1 = \eta Q_2$$
$$Q = A \qquad A = \mathcal{I}Ut$$

Акнун чунин формула тартиб медиҳем:

$$\eta = \frac{Q_1}{Q_2} = \frac{Cm\Delta t}{\mathcal{I}Ut} \qquad \eta = = \frac{Cm\Delta t}{\mathcal{I}Ut}$$
$$\eta\,\mathcal{I}Ut = Cm\Delta t` \qquad t = \frac{Cmt}{\eta\mathcal{I}U}$$

Қиматҳои дар боло бударо дар ин формула гузошта, талафи гармиро дар чанд вақт рӯй додааст, меёбем.

$$t = \frac{Cmt}{\eta\mathcal{I}U} = \frac{4.2 \cdot 10^3 Ҷ/кг \cdot 720 \cdot 10^{-3}\ кг \cdot 20°C}{0.2 \cdot 4A \cdot 120B} =$$
$$= \frac{4.2 \cdot 720 \cdot 20°C}{0.2 \cdot 480} = \frac{60480}{96} = 630 =$$
$$= \frac{60480}{96} = 630с = 10.5\ дақиқа.$$

Яъне, талафи гармӣ дар 10.5 дақиқа ба ҷӯшидан сар кардааст. **Ҷавоб:** 10.5 дақиқа

**Масъалаи 5.** Массаи 500 м сими мисин тахминан 200 кг мебошад. Муқовимати симро ёбед. Ҷадвали дар охири китоб овардашударо истифода баред.

Дода шудааст:
m = 200кг
$\ell$ = 500м
ρ = $2 \cdot 10^{-8}$ Ом · м
ρ = 8900кг/м³

R = ?

**Ҳалли масъала**

Барои ҳалли ин масъала мо аз формулаи муқовимати хоси ноқил истифода мебарем.

$$R = \rho\frac{\ell}{S} = \frac{\rho\ell}{S} \qquad (1)$$

ин формуларо ба $\ell$ зарб мекунем.

$$R = \frac{\rho\ell}{S} = \frac{\rho\ell \cdot \ell}{S \cdot \ell} = \frac{\rho\ell^2}{V} \quad R = \frac{\rho\ell^2}{V} \quad (2)$$

Аз формулаи зичӣ $\rho = \frac{m}{V}$ ҳаҷмро меёбем.

$$\rho = \frac{m}{V} \qquad m = \rho V \quad V = \frac{m}{\rho} \quad (3)$$

Мо формулаи 3-ро дар формулаи 2 мегузорем.

$$R = \frac{\rho\ell^2}{V} = \frac{\rho\ell^2}{\frac{m}{\rho}} = \frac{\rho \cdot \rho\ell^2}{m} \quad R = \frac{\rho \cdot \rho\ell^2}{m} \quad (4)$$

Акнун қиматҳои дар боло бударо дар ин формула гузошта, муқовимати сими мисинро меёбем.

$$R = \frac{\rho \cdot \rho\ell^2}{m} = \frac{\rho_1 \cdot \rho_2 \cdot \ell^2}{m} =$$
$$= \frac{2 \cdot 10^{-8}\ ом \cdot м \cdot 8900кг/м^3 \cdot (500м^2)}{200кг} =$$
$$= \frac{2 \cdot 10^{-8} \cdot 8900 \cdot 250000}{200} = \frac{2 \cdot 10^{-8} \cdot 8900 \cdot 250000}{200} =$$
$$= \frac{2 \cdot 8900 \cdot 10^{-8} \cdot 25 \cdot 10^4}{200} = \frac{2 \cdot 8900 \cdot 25 \cdot 10^{-8} \cdot 10^4}{200} =$$
$$= \frac{445000 \cdot 10^{-4}}{200} = \frac{44.5}{200} = 0{,}22\ Ом$$

Аз ин ҷо муқовимати сими мисинро муайян кардем, ки R = 0.22 мебошад. **Ҷавоб:** 0.22 Ом.

***Р. САФАРОВ,***
***омӯзгори физикаи МТМУ №124-и ноҳияи Фирдавсӣ***

**Нақшаи даъвати баҳорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар рӯзи аввал иҷро шуд.**

*Нест ҷуз берунӣ дар ҷои иқомат ҳалқаро,*
*Роҳ дар дилҳо наёбад, чун бувад гуфтор каҷ.*
*Соиби Табрезӣ*

# ТАҚРИЗ

## БАРДОШТ

Адабиёт ҳамчун низоми мураккаби маърифат дорои шаклу жанрҳои гуногун аст, ки ҳар яке дар шинохт ва инъикоси воқеияти зиндагии инсон ва ҷомеа вазифаи мушаххасро иҷро менамояд. Дар ин миён насри хотиротӣ, бахусус, жанри ёддошт дар таърихи адабиёти ҷаҳон, аз ҷумла, адабиёти тоҷику форс ҷойгоҳи вижа дорад. Ёддошт ба воқеияти зиндагӣ, муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин, ба шахсияти муаллиф робитаи мустақим барқарор намуда, таҷрибаи фардиро бо хотираи таърихиву иҷтимоӣ пайванд медиҳад ва ба ин восита, як шакли махсуси дарки замонро пешниҳод мекунад.

Аз нигоҳи таърихӣ ёддоштнависӣ натиҷаи таҳаввулоти тадриҷии наср мебошад. Решаҳояш дар осори таърихӣ, ахлоқӣ, сафарномаҳо ва катибаҳои расмӣ ҷой дошта, тадриҷан ба сӯйи насри иҷтимоӣ ҳаракат кардааст. Ёддошт бо тағйири муносибат ба воқеият, таваҷҷуҳ ба тасвири рӯйдодҳои умумӣ ба бозтоби эҳсос, хотира ва таҷрибаи фардӣ интиқол ёфт ва ба оинаи ботини инсон мубаддал гардид.

Дар садаҳои XIV-XVI дар адабиёти тоҷику форс ёддоштнависӣ вусъати тоза пайдо карда, ба воситаи муҳимми тасвири муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии замон табдил ёфт. Ин раванд гувоҳи он аст, ки адабиёти мо ба сӯйи шахсиятгароӣ ва воқеанигорӣ майл дорад. Муаллифон аз қолабҳои расмии таърихнависӣ канора гирифта, ба баёни озод, мушоҳидаи мустақим ва таҳлили таассуроти шахсӣ рӯ оварданд. Дар ин замина, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ намунаи барҷастаи ёддоштнависи адабӣ ба шумор меравад. Ин асар бо сабки лавҳанигорӣ, таваҷҷуҳ ба ҷузъиёти зиндагӣ ва чеҳраҳои замон нигошта шуда, дорои арзишҳои баланди таърихиву иҷтимоӣ аст. Восифӣ рӯйдодҳоро ҳамчун иштироккунанда ва мушоҳид бо эҳсос ва таассуроти ботинӣ баён намуда, анъанаи таърихнигориро бо унсурҳои шахсиятпардозӣ ғанӣ гардондааст.

Дар садаи X1X ин раванд дар фаъолияти маорифпарварон, бахусус, Аҳмади Дониш идома ёфт. Асари «Наводир-ул-вақоеъ» дорои унсурҳои фаровони ёддоштӣ мебошад. Тасвири воқеият тавассути далелҳо, мушоҳидаҳои шахсӣ ва таҷрибаи зиндагии муаллиф ба асар хусусияти таҳлилӣ ва иҷтимоӣ бахшида, онро ба намунаи муҳимми тафаккури интиқодии даврон табдил додааст. Қуллаи рушди ёддоштнависии тоҷик дар асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ таҷассум ёфтааст. Ин асар натиҷаи омӯзиш ва таҷрибаи чандинсолаи зиндагии муаллиф буда, манзараи фарохи ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷикро дар бар мегирад.

Дар шароити нави таърихӣ низ ёддоштнависӣ аҳаммияти худро аз даст надода, ҳамчун воситаи баёни таҷрибаи шахсӣ, таҳлили воқеият ва ҳифзи хотираи ҷамъиятӣ дар адабиёт ва ҷомеа мақоми устувор касб намудааст. Саймумин Ятимов – сиёсатшиноси маъруфи тоҷик, арбоби давлатӣ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор ва узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз ҷумлаи он шахсиятҳоест, ки фаъолияти амалии худро бо андешаронихои илмӣ ва таҳлилӣ ба таври густурда пеш мебарад. Ӯ дар баробари иҷрои масъулиятҳои давлатӣ, натиҷаи таҷрибаву мушоҳида ва хулосаҳои ҳаётии худро пайваста дар шакли мақола ва навиштаҳои таҳлилӣ манзури ҷомеа менамояд. Нигоштаҳои С. Ятимов, ки дар нашрияҳо пайваста ба нашр мерасанд, асосан, ба масъалаҳои калидии ҳаёти иҷтимоӣ, аз қабили аҳаммияти илму дониш, ҳувияти миллӣ, таълиму тарбияи насли ҷавон ва масъулияти шахрвандии ҳамватанон бахшида шуда, бо сабки мутавозин ва таҳлили мантиқӣ фарқ мекунанд.

Нашри китоби «Ёддоштҳо» (соли 2025) дар ду ҷилд марҳалаи тозае дар фаъолияти эҷодии Саймумин Ятимов ва ҳамзамон, падидаи муҳим дар насри даврани нави тоҷик маҳсуб мешавад. Бо дарназардошти фарохии мавзуъ ва васеъ будани мундариҷа ҳар ду ҷилди асар дорои истиқлоли маъноӣ мебошанд. Дар ин баррасии мо таваҷҷуҳ ба ҷилди якум равона гардидааст, ки он ҳамчун заминаи маънавӣ ва сохтории асар нақши муҳим дорад.

Хусусияти асосии жанрии «Ёддоштҳо»-и профессор Ятимов дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф аксаран воқеаҳоро аз мавқеи иштирокдор ва шоҳиди бевосита баён мекунад. Сабки баён фасеҳу равон буда, ба лаҳни баёни гуфтори диққатҷалбкунанда такя дорад. Муаллиф ҳангоми тасвири амалиёту муносибати ширкаткунандагон ва муҳити иҷтимоӣ ба арзёбии шахсӣ рӯ меорад ва таҷрибаи зиндагиро бо хулосабарориҳои маънавӣ пайванд медиҳад. Ин равиш робитаи муаллиф ва хонандаро табиӣ ва боварибахш гардонида, ба матн хусусияти таъсиргузорӣ ато мекунад.

Аз лиҳози мазмун, «Ёддоштҳо» фарогири марҳалаҳои гуногуни зиндагии қаҳрамони асосӣ аст: аз хотираҳои кӯдакӣ то солҳои таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва фаъолияти касбӣ. Ҳар як лавҳа бо диди таҳлилӣ ва бо таваҷҷуҳ ба паҳлуҳои иҷтимоию ахлоқии воқеаҳо пешниҳод мешавад. Наисанда воқеаҳои шахсиро ба таври мустақим нақл карда, аз онҳо хулосаҳои умумӣ мебарорад ва ба таҷрибаи иҷтимоӣ табдил медиҳад.

Сохтор ва бандубасти асар низ мутаносиб ва пайдарҳам аст. Фаслҳои алоҳидаи «Ёддоштҳо» бо порчаҳои шеърӣ аз эҷодиёти классикони адабиёти форсу тоҷик оро ёфтаанд, ки аз ин матни асар боз ҳам ҷолибу ҳадафрас гардидааст. Муҳтавои фасли «Аз илм мурод ҷуз амал нест» аз ҳикматҳои Носири Хусрав, аз ҷумла, байти

***Ҷамоли мардумӣ дар ҳилм бошад,***
***Камоли одамӣ дар илм бошад.* –**

тақвият меёбад. Аз ин рӯ, «Ёддоштҳо»-и Саймумин Ятимовро метавон намунаи муваффақи насри ёддоштӣ дар даврани истиқлол донист. Қаҳрамони марказии асар, ки худи муаллиф аст, намояндаи насли нави ҷомеаи тоҷик мебошад ва аз лиҳози ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва муносибат ба воқеият аз образҳои анъанавии ёддоштҳои пешин фарқ мекунад. Ин вижагӣ ба асар хусусияти замонавӣ мебахшад.

Пешгуфтори асар бо сабке навишта шудааст, ки ба анъанаи ёддоштнависии классикӣ такя дорад. Он ҳамчун даромад ба ҳадаф, сабаб ва муҳити таълифи китоб хизмат менамояд. Профессор С. Ятимов дар оғози асар менависад: «Дар атрофи таълифи зиндагинома чанд соли ахир андеша кардам ва ба хулосае омадам: вақти он расидааст, ки ба ҳамватанон дар бораи он чӣ аз сар гузашт, ибрози назар дошта бошам». Ин муқаддима аз лиҳози ҳаҷм кӯтоҳ аст, аммо аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво саршор аз андешаи созанда буда, ҷаҳонбинӣ, ҳунари нигорандагӣ ва мавқеи иҷтимоии муаллифро возеҳу равшан таҷассум менамояд. Мундариҷаи китоб қаламкашро ҳамчун шахсияти дорои ҳадафҳои равшан, худшиносии баланд ва дарки амиқи воқеияти иҷтимоию фарҳангӣ муаррифӣ намуда, хонандаро ба озодандешӣ, ҳақталошӣ ва дарки пайдарпайи рӯйдодҳои минбаъда омода месозад.

Қисми якуми китоб аз 10 боб ва 140 фасл иборат буда, унвонгузориҳои бобу фаслҳо низ хусусияти рамзӣ ва андешабарангезӣ доранд. Ба ҷуз фаслҳое, ки бо номи шахсони воқеӣ ё ифодакунандаи касбият номгузорӣ шудаанд, аксари унвонҳо бо такя ба ишораҳои адабӣ ва маънавӣ интихоб гардидаанд ва хонандаро ба андешаи амиқ водор месозанд. Аз ҷумла, унвонҳое чун «Эй нури чашм, сухане ҳаст, гӯш кун», «Як нома буд аз гаҳи бостон», «Ҳар беша гумон мабар, ки холист», «Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор» муҳтавои ҳар фаслро муайян менамоянд.

Бахшҳои вобаста ба мактаб, омӯзгор, дониш, маҳорат ва ҷидду ҷаҳд дар роҳи илмомӯзӣ аз ҷиҳати муҳтаво ва таъсиргузорӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Ин фаслҳо басо муассир ва хотирмон буда, бо камоли майлу хоҳиш иншо шудаанд ва дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарбияи маънавии насли ҷавон нақши бориз доранд. Дар ин бахшҳо симои наврасу ҷавоне тасвир меёбад, ки дар хонадони миёнаҳол ва муҳити солими иҷтимоӣ ба камол расида, шавқу ҳаваси бештар хондан, дониш андӯхтан ва маърифат кардан дорад.

Профессор С. Ятимов донистани забон, адабиёт ва таърихи миллиро ҳамчун арзиши аввалиндараҷа ва пояи ҳувияти миллӣ муаррифӣ мекунад. Ин андеша дар фасли «Хирад афсари шаҳриёрон бувад» ба таври возеҳ баён шудааст. Муаллиф менависад: «Баъди хатми мактаб интихоби ягонаи ман факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ буд. Эътиқоди ман бар он асос меёфт, ки ҳувияти миллии тоҷик, муҳимтарин омиле, ки баъд аз ҳазор сол ӯро соҳибдавлат кард, забон, адабиёт, таърих, яъне, решаҳои тамаддунии ӯст». Аз ин рӯ, ба чоп расидани «Ёддоштҳо»-и мазкур бо вижагиҳои хоси худ дар адабиёти даврани нави тоҷик аҳаммияти калон касб намудааст. Ин асар дар баробари идомаи суннати ёддоштнависӣ, ҳамчун намунаи комили андешаҳои созандаи муаллиф дар шароити нави таърихӣ қимат дорад:

1. Асар аз лиҳози сохт, таркиб ва тарзи баёни мавзуъҳо пурра ба меъёрҳои жанри ёддоштнависӣ мувофиқ аст. Риояи пайдарпайии хронологӣ дар нақли воқеаҳо ба хонанда имкон медиҳад, ки марҳалаҳои ташаккули шахсият, ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи зиндагии муаллифро мунтазам пайгирӣ намояд. Ин тартиб асарро аз парокандагии маъноӣ ҳифз карда, ба он якпорчагии сохторӣ мебахшад.

2. Дар «Ёддоштҳо»-и мазкур пайванди равшан ба анъанаи ёддоштнависии адабиёти ғании тоҷику форс, бахусус, ба «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ мушоҳида мешавад. Ин пайванд на дар шакли тақлид, балки дар идомаи эҷодкоронаи равиш, диди иҷтимоӣ ва масъулияти маънавии нависанда зоҳир мегардад. Муаллиф бо такя ба таҷрибаи шахсӣ ва тафаккури таҳлилӣ суннати классикиро бо нигоҳи замони муосир ҳамоҳанг месозад.

3. Ровӣ ва қаҳрамони марказӣ дар асар нақши фаъол дорад. Ин ҳолат ба асар самимият ва эътимод мебахшад. Қаҳрамони марказӣ ҳамчун наврасе ва баъдтар ҷавоне тасвир мешавад, ки бо ҷасорат, кӯшишу ғайрат ва талоши пайваста дар роҳи илмомӯзӣ ва маърифати ҳаёт ба зиндагӣ бо дили гарм ва андешаҳои созанда менигарад. Чунин образ метавонад барои насли ҷавони имрӯз идеал гардад, зеро адабиёти даврани нав ба тасвири ҳамин гуна шахсиятҳои фаъол ва маърифатмеҳвар эҳтиёҷ дорад. Муаллиф аз даврани кӯдакӣ, таҳсил дар мактаби миёна ва муассисаи таҳсилоти олӣ бо ифтихор ёд мекунад ва ин эҳсоси эҳтиром ба омӯзгорон ва шахсони донишманд ҳамроҳ аст. Хусусан, дар баёни воқеаи озмуни ноҳиявӣ аз фанни таърих ин руҳия ба таври возеҳ бозтоб меёбад. Дар маҷмуъ, фаъолияти қаҳрамони марказӣ симои ҷавонони фаъоли ҷомеаро таҷассум месозад.



4. Дар ташаккули шахсияти қаҳрамони асосӣ образи падар нақши калидӣ дорад. Ятимов Абдусаттор ҳамчун инсони таҳсилдида, омӯзгор, раҳнамои хонадон ва пешоҳанги аҳолӣ муаррифӣ мешавад, ки аз овони кӯдакӣ то даврани камолот ба фарзандон таъсири амиқ гузоштааст: «Он хислати падарам, ки бештар дар назари ман ҷило пайдо мекард, меҳнатқаринӣ, кордӯстӣ, мушкилписандӣ, ростқавлӣ, адолатхоҳӣ, ҷавонмардӣ, ғаюриву далерӣ ва садоқати беандоза ба дӯстони покниҳод буд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, ӯ худро дар зиндагӣ мустақил, худкифо ва озод эҳсос мекард. Ҳама корро бо дасти худ анҷом медод. Бениёз будани худро ҳифз мекард». Нутқи падар саршор аз панду ҳикмат буда, далели баҳраварӣ аз таҷрибаи зиндагӣ, қонунмандиҳои мантиқӣ ва арзишҳои инсонист. Дар фасли «Сухан, к-он аз сари андеша ояд» ҳикматҳои баҷо ва бамавриди падар, чун «Ман мир, ту мир, хари моро кӣ об медиҳад?», «Вақти шодӣ ба майдону вақти ҷанг ба каҳдон», «Қассоб бачаи худро ҳам фиреб кардааст», басо нишонрасу омӯзанда садо медиҳад.

5. Образи модар низ дар асар бо эҳсоси баланд ва самимияти хос тасвир шудааст. Раҳимова Зебуннисо ҳамчун зани оқила, заҳматкаш, босавод ва соҳиби андешаҳои созанда муаррифӣ мегардад. Муаллиф модарро шахси азиз, такягоҳи маънавӣ ва манбаи устувории зиндагӣ мешуморад. Аз ҷумла, дар фасли «Ҳастии ман зи ҳастии ӯст», ки ба ин модари мушфиқу мехрубон ва заҳматкаш бахшида шудааст, муаллиф чунин менигорад: «Бо гузашти солҳо ман ҳайрон мешавам, ки чӣ тавр як духтари камбағали меҳнатӣ дар солҳои сиюми асри гузашта, дар шароити ниҳоят ногувор – кори сахрову чордевори ба ном синфхонаи тираву тор соҳиби хатту савод гаштааст». Тасвироти марбут ба модар хусусияти иҷтимоӣ касб намуда, симои зан-модари тоҷикро ҳамчун сарчашмаи ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа таҷассум месозад.

6. Дар ташаккул ва такомули симои қаҳрамони марказии асар дар айёми тифлӣ ва наврасӣ муҳити зисти ҳамдеҳагон (хонадони Абдусаттори муаллим соли 1953 аз деҳаи Кафлондараи ноҳияи ҳосираи Темурмалик ба деҳаи Ориёни ноҳияи Фарҳор омадаанд) ва мавқеву манзалати шахсони муътабаре чун бобои Бозормуҳаммад, бобои Қурбоналӣ, Карими Дадабой, кампири афсонагӯ момаи Музайян… низ саҳм доранд. Қиссаи аз аввалин ободгарони деҳаи Ориён – Бозормуҳаммади 90-сола дар бораи аз тарафи бобову падараш ба ҳалокат расондани як шеру ду шербачаи ба деҳа ҳамлавар ба Саймумин зиёда таъсир карда, ӯ ба ақлу заковат, ҷасорат ва тадбирнокии ниёгон сано мехонад.

7. Хотироти муаллиф дар бораи фазилати илму дониш ва аҳаммияти таҳсил дар мактаб ҷолиб омӯзанда мебошад. Професор С.Ятимов мактабро пас аз падару модар, дуюмин омили асосии ташаккули шахсият шумурда, таъкид мекунад: «Бузургтарин неъмате, ки дар дунё арзи ҳастӣ мекунад, илму дониш ва фарҳангу маърифат аст. Мактабҳои миёнаву олӣ на барои он ифтихор мекунанд, ки чӣ миқдор шогирд тарбия кардаанд, балки бо он ифтихор доранд, ки чӣ қадар шогирд тарбия намудаанд, ки барои мардум ва ҷомеа фоидабахш бошанд». Ин андешаҳо бо фаъолияти омӯзгорони воқеан сарсупурдаи касби хеш тақвият меёбанд. Ёдоварӣ аз устодоне чун Ғоибназар Забиров, Усмон Раҳмонов, Амонулло Саидов, Пасечникова Фаина Дмитриевна, Саид Шарифов, Бегмурод Гадоев ва дигарон далели равшани таъсири муҳити омӯзгорӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии муаллиф мебошад.

8. Нақш ва ҷойгоҳи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар омода намудаани кадрҳои баландихтисос бо эҳтиром ва қадршиносӣ баррасӣ мешавад. Бо ихлос ёдовар шудани профессор Ятимов аз устодони даврани донишҷӯӣ ва изҳори сипос ба донишгоҳе, ки дар он таҳсил кардааст, арзиш ва манзалати илму донишро боз ҳам равшантар бозгӯ менамояд. Муаллиф менависад: «Масъалаи дохил шудан ба Донишгоҳи Кӯлоб дар тасаввури ман баробар ба дохил шудан ба бузургтарин ва пурнуфузтарин мактаби олии замони Шуравӣ – Донишгоҳи ба номи Ломоносов буд». Ин баҳои баланд, пеш аз ҳама, ба сатҳи донишу фарҳанг ва масъулияти омӯзгории устодони ин боргоҳи маърифат такя дорад. Боварӣ ба шахсиятҳое чун Иззатулло Тамлихоев, Қадир Рустамов, Соат Чалишев, Низом Баротов, Раҳим Саидов, Рустам Ҷӯраев, Тунӣ Боқиров, Қаюм Сангов, Ёралӣ Содиқов, Маҳмадулло Ибодов, Шариф Достиев ва дигарон симои Донишгоҳи давлатии Кӯлобро ҳамчун маркази муҳимми таълиму тарбия муаррифӣ мекунад.

9. Бахшҳои вобаста ба интихоби касб, хизмати ҳарбӣ, фаъолияти омӯзгорӣ ва идомаи таҳсил дар самтҳои дигари илм низ бо самимият ва эҳтироми ба худ хос баён шудаанд. Муаллиф ин марҳалаҳоро бештар ҳамчун таҷрибаи ҳаётӣ ва мактаби ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ ва касбӣ ёдовар мешавад. Симоҳои нуронӣ, хирадмандӣ ва тинати поки собиқадори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, полковник Абдуҷаббор Суюнов, академики АМИТ Мӯсо Диноршоев, роҳбари муассисаи махсус генерал-майор А. С. Михайловский ва ҷавони накукору гармчеҳра Асомуддин хонандаро ба андешаи созанда водор мекунад. Садоқат ва сипосгузории муаллифи «Ёддоштҳо» ба устодаш – полковник Абдуҷаббор Суюнов ба дараҷаест, ки ҳикмати «Ҳаққи устод аз падар беш аст»-ро ба хотир меорад. Вақте ки устод аз дунё мегузарад, шогирд дар ҷустуҷӯи байти мувофиқе барои ҳаккокӣ кардан дар санги мазори устод меафтад ва оқибат худаш, бо вуҷуди он ки ҳеҷ гоҳ дар фикри шеърнависӣ набудааст, чор мисраи ба дилаш наздик навишта, дар санг ҳаккокӣ мекунад. Ҳамчунин, шогирди муътақид пайвандони Абдуҷаббор Суюновро, ки дар деҳаи Андарсойи ноҳияи Спитамен зиндагӣ мекарданд, пайдо карда, ба онҳо гоҳ-гоҳ дидорбинӣ мекунад ва бо ҳамин арвоҳи устоди худро шод мегардонад.

10. Рӯйи чоп омадани китоби «Ёддоштҳо»-и профессор С. Ятимов, ҳамзамон, дар муаррифии муносибатҳои иҷтимоии аҳолии як минтақаи бонуфузи кишвар – Кӯлоб дастоварди арзишманд ба шумор меравад. Асар собит месозад, ки сарзамини аҷдодии мо дар ҳама давру замон зодгоҳи одамони донишманду бофарҳанг буда, ин анъана имрӯз низ идома дорад. Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар баробари дигар гӯшаву канори кишвар бо шоирон, фозилон ва донишмандони худ шуҳратёр аст. Ноҳияи Фарҳор ҳамчун макони қадимаи ин минтақа ба шарофати заҳмат ва зиндагии аҳлонаи фарзандони содиқ ба муҳити обод, дилнишин ва фарҳангпарвар табдил ёфтааст.

11. Профессор С. Ятимов бо таълифи «Ёддоштҳо» симои донишҷӯёну омӯзгорони миллати тоҷикро дар як давраи таърихӣ пешкаши хонанда месозад. Дар асар тасвири руҳафтодагӣ ва беиродагӣ ё бетарафии мутахассисони соҳаи маориф ба назар намерасад. Баръакс, талабагон, донишҷӯён ва омӯзгороне, ки муаллиф онҳоро муаррифӣ мекунад, фаъол, меҳнатдӯст, масъулиятшинос ва арзандаи ситоиш мебошанд. Ин гуна тасвирҳо хонандагонро дар руҳияи илмомӯзӣ, заҳматкаринӣ ва худшиносии миллӣ тарбия намуда, ба онҳо неруи эътимод ба худ мебахшад. Ба назар мерасад, ки муаллиф ҳадафмандона бо андешаҳои созанда, эҳтиром ба волидон, садоқат ба касб ва меҳнати ҳалол роҳи намунаи ибрат буданро дар ҷомеа нишон медиҳад.

12. Дар баробари арзишҳои маърифатию тарбиявӣ, асар дорои аҳаммияти баланди фарҳангӣ ва маънавӣ мебошад. «Ёддоштҳо» дар шинохти арзишҳои ҷаҳонишавӣ, равандҳои фикрӣ ва одатҳои иҷтимоии одамон нақши муҳим дорад. Муаллиф бо такя ба таҷрибаи шахсӣ ва диди таҳлилӣ паҳлуҳои гуногуни муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангиро бозтоб дода, робитаи байни фард, ҷомеа ва замонро равшан месозад.

Дар умум, дар таърихи ёддоштнависии адабӣ профессор Саймумин Ятимов бо эҷоди «Ёддоштҳо» ҳамчун идомадиҳанда ва такмилдиҳандаи ин жанр дар даврани нави адабиёти тоҷик нақши созанда дорад. Муаллиф ба паҳлуҳои иҷтимоии зиндагии инсон аҳаммияти махсус медиҳад, ки ин равиш ба жанри ёддошт хусусияти инсонгароёна бахшида, онро ба асари зинда, таъсирбахш ва ҳунарӣ табдил додааст. Бо ин асос, метавон гуфт, ки «Ёддоштҳо»-и мазкур ҳамчун манбаи боэътимоди адабӣ ва иҷтимоӣ дар омӯзиш ва муаррифии як даврани басо муҳимми таърихи миллати тоҷик саҳми босазо мегузорад.

***Аламхон КӮЧАРЗОДА,***
***профессор, узви вобастаи АМИТ,***
***Шамшоди ҶАМШЕД,***
***номзади илмҳои филологӣ, дотсент***

## «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов ва бозтоби симои насли нави ҷомеаи тоҷик

**(Андешаҳо оид ба «Ёддоштҳо»-и узви вобастаи АМИТ, профессор С. Ятимов. – Қисми 1. – Хуҷанд: «Ношир», 2025. – 675 с.)**

**4 апрел дар Театри давлатии опера ва балети ба номи С. Айнӣ намоиш-фурӯши китобҳои тозанашр баргузор шуд.**

ШЕВАИ ТАДРИС

# Роҳҳои ҷалби хонандагон ба омӯзиш

***Омӯзиши ҳамаҷонибаи фанҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ аз муҳимтарин масъалаҳои соҳаи маорифи кишвар ба ҳисоб меравад. Маҳз ин фанҳои бунёдӣ имкон фароҳам меоранд, ки насли ихтироъкору навовар ба камол расида, кишварро ба марҳалаи нави рушди технологӣ ворид созанд.***

Ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ба Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаҳои илму маориф ҳамоҳанг мебошад. Яъне, имрӯз ба бунёди корхонаҳои саноатӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, рушди ин соҳа ба мутахассисони соҳибкасб ниёзи наҳои аввалини таҳсил дар мактаб гузошта мешавад.

Хусусияти муҳимми фанҳои дақиқ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бо ҳаёти воқеӣ робитаи зич доранд. Хонандагон метавонанд натиҷаи донишҳои худро дар амал мушоҳида намоянд, ки ин худ омили шавқмандии онҳо ба омӯзиш мегардад. Зарур аст, ки дарсҳо тарзе ташкил карда шаванд, ки шавқу рағбати хонандагонро бедор намуда, онҳоро ба омӯзиши ҳидоят намоянд. Дар ин самт, нақши омӯзгор ҳалкунанда мебошад. Омӯзгор метавонад бо роҳҳои гуногун шавқи хонандагонро баланд бардорад:

**Якум,** ҷолибу рангоранг баргузор намудани дарсҳо ва истифодаи воситаҳои аёнӣ имкон медиҳад, ки хонандагон дар раванди дарс фаъол бошанд ва мавзуъҳоро ба таври фарогир аз худ намоянд.



**Дуюм,** пайваст намудани мисолу масъалаҳо ба ҳаёти воқеӣ, то хонандагон дарк кунанд, ки омӯзиши ин фанҳо барои зиндагии онҳо муҳим аст.

**Сеюм,** ҷалби хонандагон ба истифодаи манбаъҳои иловагӣ, аз ҷумла, адабиёти илмӣ ва воситаҳои таълимии муосир, ки ба рушди тафаккури онҳо мусоидат мекунад.

Ба ин минвол, метавон роҳҳои зиёдеро барои ҷалби хонандагон ба омӯзиш идома бахшид, ки дар ин раванд нақши омӯзгор ҳалқунанда мебошад. Дар таҷрибаи фаъолияти хеш шоҳиди он гардидам, ки маҳз маҳорати баланди педагогӣ ва рангорангии дарсҳо таваҷҷуҳи хонандагонро ба омӯзиш бештар менамояд.

***Заррина ҲАФИЗОВА,***
***омӯзгори математикаи литсейи №1-и шаҳри Бӯстон***

ДУРРИ ДАРӢ

# Забони модариро пос дорем



Омӯзгорӣ пешаи пурифтихор буда, ҷабҳаҳои гуногунро фаро мегирад. Ин пеша тақозо дорад, ки омӯзгор ба омӯзиши пайваста машғул бошад ва маҳорату малакаи худро мунтазам такмил бахшад. Корбасти методҳои гуногуну самараноки таълиму тарбия, омодагии ҳамешагӣ ба дарс, омӯзиши ҳаматарафаи шогирдон, роҳандозии муносибати судманд бо волидайн, ташкили чорабиниҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ, огаҳии зарурӣ аз навгониҳои замон ва амсоли инҳо омилҳоеанд, ки бо пешаи омӯзгорӣ иртиботи қавӣ ва ногусастанӣ доранд. Яке аз хусусиятҳои умдаи омӯзгор забондонист. Дар айёми мо ин хусусият аҳаммияти бештар пайдо карда, ҳар як шахси фаъоли ҷомеа, ҳар зиёиро мебояд, ки аз забонҳои хориҷӣ (ду-се забон) огаҳӣ дошта бошад ва сухан гуфта тавонад. Ин барои омӯзгор аз ҳар ҷиҳат имконоти фаровон фароҳам меоварад ва пеш аз ҳама, дастрасиаш ба маълумоти зарурӣ афзун мегардад. Чунонки борҳо таъкид шудааст, донистану омӯхтани ҳар забоне маҳз дар заминаи амиқ омӯхтани забони модарӣ ва эҳтиром ба ин забон имконпазир мешавад. Яъне, ҳар як омӯзгорро мебояд, ки пеш аз рӯй овардан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ забони тоҷикиро ба таври комилу фарогир биомӯзад, қонуниятҳояшро хуб донад. Маълум, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимию доро ва тавонои ҷаҳон буда, бо ин забон асарҳои бузургу безавол офарида шудаанд. Захираи луғавии забони тоҷикӣ хеле фарогир ва муқтадир аст. Дар давраи Истиқлоли давлатӣ забони тоҷикӣ дар умури давлатдорӣ мавқеи устувор пайдо кард, мақоми давлатӣ дарёфт ва имконоташ боз ҳам бештар гашт. Имрӯз забони модарии мо дар соҳаҳои илму маориф, техникаву иқтисодиёт ва сиёсату иҷтимоиёт васеъ истифода мешавад. Вазифаи ҳар як узви фаъоли ҷомеа, махсусан, омӯзгорон аст, ки барои ҳифзи мақоми волои забони тоҷикӣ, истифодаи шоиста ва риояи тозагии он ҷидду ҷаҳди ҳамешагӣ ба харҷ диҳанд. Набояд забони ноби мо бо алфози қабеҳу ношоиста, бо калимоти дағалу носуфтаи кӯчагию лаҳҷавӣ ва бо ғалатҳои зиёд махлут гардад.

Ба хотири он ки хонандагон нисбат ба забони модарӣ ҳисси баланди эҳтиром дошта бошанду барои истифодаи дурусту саҳеҳи он кӯшиш намоянд, пеш аз ҳама, омӯзгор бояд худ забони шевою беғалату ҷолибу дилчасп дошта бошад. Муошират бо шогирдон ва гуфтугӯ дар давоми дарс бояд ба забони суфтаю пуробуранг сурат бигирад, бояд ба шарофати суханронии зебою гуворои омӯзгор ба забони тоҷикӣ муҳаббату эҳтироми хонандагон ба ин забон пайваста афзун гардад. Ба ибораи дигар, ҳар як муошират, ҳар як машғулият, ҳар як дарси омӯзгор бояд инъикосгару собитсози ҳусну тавоноии забони тоҷикӣ гардад. Дар ҷараёни таълими ҳама гуна фанҳо бояд лаҳзаи шарҳи калимоту луғатҳои нав ҷой дошта бошад. Ҳар як омӯзгор дар такмили захираи луғавии шогирдон бояд ҳиссагузорӣ намояд. Ба шогирдон барои азёд кардан шеърҳо дар ситоиши забони модариро пешниҳод бояд кард, гуфтаҳои бузургонро дар тавсифи забони тоҷикӣ шарҳ бояд дод. Дар ҳама ҳолат, забону баёни омӯзгор барои хонандагон сарчашмаи асосии афзунгардии муҳаббат ва эҳтиром нисбат ба забони модарист.

Агар омӯзгор зимни гуфтугӯ бо шогирдон ва ҳангоми баргузории машғулиятҳо (аз дарсҳо то чорабиниҳои беруназсинфӣ) бо забони ҷолибу ҷозибадор, бо истифода аз вожаҳои суфтаю дилчасп ва пораҳои шеърию зарбулмасалу мақолҳо суханронӣ кунад, хонандагон, албатта, ба ӯ пайравӣ менамоянд ва мекӯшанд, ки забони модарии худро пос доранд ва онро ба таври шоиста биомӯзанд.

***Мадинабону НАЗАРОВА,***
***омӯзгори математика ва информатикаи МТМУ №61-и шаҳри Панҷакент***

12-УМИ АПРЕЛ – РӮЗИ КАЙҲОННАВАРДОН

# Омӯзиши кайҳон судманд аст

***Ҳамасола 12-уми апрел ҳамчун Рӯзи кайҳоннавардон таҷлил мешавад. Ин сана бо ҳодисаи бузурги таърихӣ – парвози нахустин инсон ба кайҳон алоқаманд аст. Рӯзи 12-уми апрели соли 1961 кайҳоннаварди Иттиҳоди Шуравӣ Юрий Алексеевич Гагарин бо киштии кайҳонии «Восток» парвоз карда, дар гирди сайёраи Замин чарх зад. Парвози ӯ дар кайҳон 108 дақиқа давом ёфт. Юрий Гагарин шахси аввалине шуд, ки аз фазо курашакл будани заминро дид. Барои корномаи кайҳониаш сазовори унвони олии қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ гардид. Парвози ӯ ба кайҳон дар китоби таърихи инсоният саҳифаи тозаеро ифтитоҳ намуд ва ба фаъолияти нави инсоният – кашфи кайҳон ва омӯзиши дақиқи он замина гузошт. Пас аз ин, давра ба давра кайҳоннавардони дигар ба кайҳон ба муҳлатҳои гуногун парвоз карданд.***

Фатҳи кайҳон ва таҳқиқот дар фазои кайҳонӣ дар қатори омилҳои дигар ба рушду тараққии илмҳои гуногун, аз ҷумла, кайҳоншиносӣ, ситорашиносӣ, физика, химия, астрономия, биология, кишоварзӣ, хокшиносӣ мусоидат кард. Ба рушди илми биология низ кайҳоннавардӣ таъсири ҷиддӣ расонд. Бисёр бахшҳои ин илми муҳим бо маълумоти тоза мусаллаҳ гардиданд, ҳатто бахшҳои нав арзи ҳастӣ карданд. Ҳоло таваҷҷуҳи аҳли илм ба бахши ҷолибу манфиатбори биология, ки биологияи кайҳонӣ ном гирифтааст, хеле зиёд аст. Ин бахши аҷиби биология ҳаёти организмҳои заминиро дар шароити фазои кайҳон ва ҳангоми парвоз дар киштиҳои кайҳонӣ, инчунин, системаҳои биологии таъмини ҳаётро дар киштию пойгоҳҳои кайҳонӣ меомӯзад.

Таҷрибаҳои аввалини биологӣ дар қабатҳои болоии атмосфера ва кайҳон бо истифода аз кураҳои ҳавоӣ нимаи аввали асри XX дар Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА оғоз ёфтанд. Вазифаи асосии биологияи кайҳонӣ омӯзиши таъсири омилҳои парвози кайҳонӣ (бевазнӣ, суръатафзоӣ, маҳдудияти ҳаракат, ҷудоии пурра…) ва фазои кайҳонӣ (радиатсия, вакуум…) мебошад. Таҷрибаҳои биологии ҳангоми парвоз иҷрошуда, ки дар аснои онҳо маҷмуи таъсири омилҳои муҳити берунаро ба ҷисми зинда омӯхтан мумкин аст, барои биологияи кайҳонӣ аҳаммияти махсус доранд. Чанде аз парвозҳои таҷрибавӣ объектҳои гуногун – тухмӣ, рустаниҳои махсус, ғук, микроорганизмҳо, ҳашарот, ширхӯрҳо ва монанди инҳоро бо худ доштанд ва ин имкон фароҳам овард, ки таъсири омилҳои кайҳонӣ ба объектҳои биологӣ пас аз парвоз таҳқиқ карда шавад. Зимни таҳқиқоти биологӣ дар ракетаҳои баландпарвоз ва баллистикӣ, радифҳои маснуи Замин, радифкиштиҳои кайҳонӣ ва техникаҳои дигар муқаррар гашт, ки одам дар шароити парвози кайҳонӣ ба муҳлати тӯлонӣ кору зиндагӣ карда метавонад. Дар давоми парвозҳо кайҳоннавардони кишварҳои гуногун, дар маҷмуъ, 92 намуди микроорганизмҳоро дар кайҳон мавриди таҳқиқ қарор доданд ва маълумоти муҳимми биологӣ ба даст оварданд.

Боз як мавзуи манфиатовари омӯзиши биологияи кайҳонӣ – тибби кайҳонӣ мебошад. Дар робита ба ин, олимон ҷараёни ҳаёт ва фаъолияти одамро дар шароити кайҳон мавриди таҳқиқу омӯзиши қарор дода, дар амалияи кайҳоннавардӣ истифода мебаранд.



***Муборак МУРОДОВА,***
***омӯзгори биологияи мактаби №19-и ноҳияи Айнӣ***

**Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд Фестивали ҷумҳуриявии дӯстии ҷавонон таҳти унвони «Баҳори ҷавонӣ – Наврӯзи ҷаҳонӣ» баргузор гардид.**

ЯК РӮЗИ МУАССИСА

# Шаҳринав: баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар авлавият

**Дар ноҳияи Шаҳринав ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии соҳаи маориф шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Тибқи иттилои мудири шуъбаи маорифи ноҳия Тағоймурод Саттороза айни замон 56 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим, литсейи хусусии «Нур», муассисаи таълимии хусусии «Нури ирфон», «литсей барои хонандагони болаёқат фаъолият дошта, дар онҳо 29 945 хонанда ба таҳсил ҷалб гардидаанд.**

Соли гузашта мактабҳои ноҳия ба 131 нафар омӯзгор эҳтиёҷ доштанд. Ҷиҳати бартараф кардани норасоии кадрӣ дар моҳҳои август ва сентябри соли 2025 172 нафар омӯзгор ба кор қабул гардиданд. Аз ин шумора 14 нафар бо роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 нафар бо роҳхати Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҳамчунин, аз ҳисоби омӯзгорони собиқадори ба кор баргашта, хатмкардагони гурӯҳҳои шартномавии рӯзона ва бучетии ғоибона (бо пешниҳоди диплом) бо кор таъмин карда шуданд. Дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои олии касбӣ низ тариқи шартномаи чортарафа 16 нафар донишҷӯи курсҳои охир бо кори омӯзгорӣ ҷалб гардиданд.

***

МТМУ рақами 11 ба номи Умари Хайём дар Ҷамоати деҳоти Акрам Ҳасанов ҷойгир шудааст. Он соли 1956 бунёд ёфта, аз як бинои якошёна ва 20 синфхона иборат мебошад. Дар мактаб 1025 нафар хонанда таҳсил менамояд. Ба хонандагон 60 нафар омӯзгори соҳибтахассус дарс медиҳанд.

Дар мактаб барои фаъолияти омӯзгорони ҷавон тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Дар утоқи методӣ ҳуҷҷату нақша ва дафтарҳои гуногун, аз қабили суратҷаласаи шурои методӣ, қайди дарси омӯзгорони муассиса, иштирок дар дарсҳои ҳамдигар, санҷиши дафтарҳои даврӣ, корҳои хаттӣ, рӯзномаҳо, кор бо волидон, санҷиши дафтари сабти мазмуни мухтасари дарс (нақша-конспект)-и омӯзгорон, роҳбарони синфҳо бо як тартиби муайян гузошта шудааст, то муаллимони ҷавон дар ҳолатҳои зарурӣ тавонанд аз онҳо истифода намоянд.

– Бо ҷавонон омӯзгорони тачрибадорро тариқи фармоиш вобаста кардаем. Бар замми ин, дар як моҳ ду маротиба фаъолияти онҳо санҷида мешавад. Дар шурои методӣ дар ду моҳ як маротиба ба амалкарди омӯзгорони ҷавон диққати махсус дода мешавад. Дар дафтари махсуси муассиса ҳангоми иштирок дар дарси ҳамдигар фикру андешаашонро менависанд, таҳлил мекунанд,-зикр кард директори мактаб Муҳаммадҷон Эшмуродов.

Дар муассиса се синфхона дар шакли ҳуҷраҳои алоҳидаи фаннӣ – физика, химия, информатика фаъолият менамоянд. Утоқи физика ва химия ба тарзи замонавӣ таъмир гардида, бо тамоми таҷҳизот таъмин мебошад. Утоқи информатика таъмирталаб буда, дар он 15 адад компютер мавҷуд аст.

– Модели компютерҳои муассиса куҳнаанд, бинобар ин, ният дорем то соли нави хониш онҳоро бо шаклҳои навин иваз намоем. Ҳамчунин, 6 адад нооутбук мавҷуд аст, ки кормандону хонандагони муассиса истифода мекунанд. Дар қисме аз синфхонаҳо ба ҷойи тахтаи электронӣ телевизорҳои ранга насб шудааст, то омӯзгорон дарсҳоро ба таври намоиш ба хонандагон омӯзонанд,-гуфт М. Эшмуродов ва илова кард, – муассиса дорои Wi-Fi ва дастрасии озод ба интернет мебошад.



Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ Гулдаста Маҳмадқулова нуҳ сол аст, ки дар мактаб кор мекунад. Муаллима барои хонандагони синфи 1«а» дарси хониши адабӣ баргузор намуд. Дар дарси ӯ мушовири синфҳои ибтидоии шуъбаи маориф, муовинони директори муассиса оид ба таълим, мудири шуъбаи методӣ иштирок намуданд. Дар дарс тамоми хонандагон (31 нафар) ҳозир буданд. Пас аз ба ҷой овардани одоби салом муаллима, машғулиятро аз пурсиши навбатдори синф оғоз бахшид. Баъд бо хонандагон оид ба фаслҳои сол, ҷашнҳои баҳорӣ, муқаддасоти миллӣ, қаҳрамонони Тоҷикистон саволу ҷавоб кард. Хонандагон ҳангоми посух ба саволҳо фаъолияти хуб нишон доданд.

Давоми дарс омӯзгор бо хонандагон калимаҳои «Наврӯз»,«Модар», «Ватан»-ро таҳлили овозӣ намуда, ба ҳиҷоҳо чудо карданд. Баъд ӯ ба пурсиши вазифаи хонагӣ – «Саги оташнишонҳо» ва фаҳмонидани мавзуи нав «Сафедпо» пардохт. Муаллима бо истифода аз тахтаи синф, телевизору ҳар гуна усулҳои фаъол дарсро ҷолибу хотирмон баргузор намуд.

– Роҳбарони синф пайваста ба хонаҳои хонандагон рафта, аз шарту шароити дарсомӯзии онҳо огоҳ мешаванд. Ҳамчунин, барои хубтар ба роҳ мондани робита бо волидон аз соли нави хониш истифодаи журналу рӯзномаҳои электронӣ ба роҳ монда мешавад.

***

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 аз се бинои дуошёна иборат буда, соли 1976 мавриди истифода қарор гирифтааст. Муассиса дар кӯчаи Камоли Хуҷандии Ҷамоати шаҳраки ба номи Мирзо Турсунзода ҷой гирифтааст. Дар он ҷо 46 синфхона, 8 утоқи фаннӣ, аз қабили информатика, химия, биология, физика, технологияи таълими меҳнат, лабораторияҳои химия-биология, физика, толорҳои фарҳанг ва варзиш амал менамояд. Айни замон дар мактаб 1778 хонанда таҳсил мекунанд, ки ба онҳо 73 нафар омӯзгор таълим медиҳанд. Таълим бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ сурат мегирад.

Дар назди муассиса Маркази инкишофи кӯдак фаъолият дорад, ки дар он 103 нафар кӯдак дар се баст ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

– Талабот ба Маркази инкишофи кӯдак, бахусус, ба гурӯҳҳои русӣ зиёд аст. Бинобар ин, қарор додем, дар як синфхонаи дигар низ марказ ташкил намоем. Алҳол ин синфхона таъмир ва бо мизу курсичаҳои мувофиқи синну соли хонандагон таҷҳизонида шуд ва рӯзҳои наздик мавриди истифода қарор хоҳад гирифт,-иброз намуд директори мактаб Исроил Шомуродов.

Муаллима Марзия Муминова 6 сол мешавад дар Маркази инкишофи МТМУ №21 ба ҳайси омӯзгор ба шогирдон таълиму тарбия медиҳад. Ӯ хатмкардаи Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор бо ихтисоси китобшиносӣ буда, донишу маҳорататашро дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф такмил додааст.

– Дар Маркази инкишофи кӯдаки назди муассиса ду нафар – ман дар гурӯҳҳои тоҷикӣ ва Шаҳноза Дӯстова дар гурӯҳҳои русӣ ба кӯдакон таълим медиҳем. Муаллима Шаҳноза Дӯстова айни замон дар гурӯҳи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои идомаи таҳсил рафтааст ва машғулияти гурӯҳҳои русӣ то омадани ӯ ба зиммаи ман вогузор шудааст,-гуфт М. Муминова.

Мувофиқи маълумоти ҷонишини директори мактаб оид ба таълим Насиба Каримова дастоварди муассиса нисбат ба соли гузашта зиёдтар аст. 20 дарсади хонандагон дар олимпиадаҳои фаннӣ фаъолона иштирок карданд. Дар олимпиадаи ноҳиявӣ 19 нафар иштирк намуда, ба даври минтақавӣ 12 нафар роҳхат гирифтанд. Дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ низ хонандагон пайваста ширкат меварзанд. Соли гузашта 2 нафар хонандаи маъюб дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» сазовори ҷойҳои намоён гаштаанд.

Зебо Мардонова 49 сол аст, ки дар МТМУ №11 ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти рус ба шогирдон дарс медиҳад. Ӯ мегӯяд:

– Ҳамасола барои иштирок дар озмунҳо шогирдони зиёдеро омода месозам. Соли гузашта низ се нафар – Бузургмеҳр Тағоев, Зебо Раҳимзода - хонандагони синфи 6-ум ва Шаҳноза Сатторова - хонандаи синфи 8 дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз забони русӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.

***

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4 ба номи С. Юсупов дар деҳаи Қадичӯйбори Ҷамоати деҳоти Сабо ҷойгир шудааст. Муассиса аз як бинои дуошёна ва ду бинои якошёна иборат буда, бинои аввалаи он соли 1936, дуюм соли 1959 ва сеюм соли 1990 бунёд шудааст. Дар се бино, дар умум, 22 синфхона, се утоқи фаннӣ (компютер, таълими меҳнат барои духтарон ва писарон), толори варзишӣ мавҷуд мебошад. Ба 672 нафар хонанда 36 нафар омӯзгор дарс медиҳанд.

– Дар муассиса 5 омӯзгори ҷавон фаъолият менамоянд ва онҳо ба муаллимони пуртаҷриба вобаста гардидаанд.

Мавриди ба зикр аст, ки хонандагони муассиса дар озмунҳои гуногуни мактабиву ноҳиявӣ, минтақавию ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат меварзанд. Соли гузашта, дар олимпиадаҳои фаннӣ се нафар хонанда сазовори ҷойҳои ифтихорӣ шуданд. Тавре Н. Ниёзова зимни суҳбат изҳор намуд, дар омода намудани хонандагон дар озмунҳо омӯзгорон Гулсара Қарахонова ва Фараҳноз Халилова саҳми назаррас доранд.

Китобхонаи муассиса аз ду ҳуҷра иборат буда, дар он 8533 адад китоб нигоҳ дошта мешавад. Аз ин теъдод 800 адад китоби бадеӣ ва 7460 китоби дарсианд, ки давоми солҳои 2016-2026 нашр шудаанд. Китобдор Моҳира Асадова чунин иттилоъ дод: Бо роҳандозӣ шудани барномаи биллингӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм кори ҳисобу китобамон як андоза осон гардид. Китобҳои соли 2017 ва 2026-ро ба барномаи мазкур ворид намуда, ба хонандагон барои истифода супоридем. Соли 2016-ро бошад, аз эътибор соқит хоҳем кард.

Китобхона 400 китобхон дошта, 20 нафари онҳоро омӯзгорон ташкил медиҳанд. Барои бедор намудани завқи китобхонӣ дар дили хонандагон ва ба ин васила, афзудани сафи аъзои китобхона дар мактаб маҳфилу озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Шоҳномахонӣ» баргузор шуд, ки дар он 230 нафар иштирок карда, 80 нафар ба даври ноҳиявӣ роҳхат гирифтанд.

***Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,***
***«Омӯзгор»***

НИЯТИ НЕК

# Саломат олим шуданист

Дар кишвар Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон шудааст. Шогирдони таълимгоҳҳоямон агар фанҳои мазкурро нағз аз худ кунанд, давлати мо ҳам пешрафта мешавад. Хурсандиовар аст, ки бархе аз шогирдони таълимгоҳҳои мо ухдадории бештареро бар зимма мегиранду муваффақ мешаванд. Яке аз ҳамин гуна наврасон Саломат Пардаева, хонандаи синфи 10-уми мактаби Президентии шаҳри Ҳисор мебошад. Ӯ аз фанни химия дар олимпиадаи байналмилалӣ, ки дар шаҳри Куала-Лумпури Малайзия 25 марти соли 2026 баргузор шуд, ширкат варзида, соҳиби ҷойи якум гардид.

Саломат ва рафиқони дигараш, ки дар ин олимпиадаи байналмилалӣ иштирок карданд, Парчами Тоҷикистонро боло бардоштанд.

Ба гуфти омӯзгори забони давлатӣ Ҳадиса Ғиёсова ва роҳбари синфаш Камолаи Мансур, Саломат дар гурӯҳи русӣ ва бо баҳои аъло таҳсил мекунад ва дар корҳои беруназсинфӣ фаъолона ширкат меварзад. Вай дар баробари китобҳои дарсӣ китобҳои бадеиро низ бо шавқ мутолиа менамояд. Ӯ гуфт, ки ба наздикӣ романи «Алхимик»-и Павло Коелоро бо забони русӣ мутолиа кардааст. Саломат ба ғайр аз забони модариаш забонҳои русӣ, англисӣ ва немисиро низ хуб азхуд намудааст.

Саломат ният дорад, ки дар оянда олими соҳаи кимиё шавад. Ба ӯ комёбиҳо нав ба нав хоҳонем.

***Ҳаким АЛӢ,***
***омӯзгори собиқадор, шаҳри Ҳисор***

**Дар ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба муносибати таҷлили Рӯзи илми тоҷик аз 6 то 11 апрел Ҳафтаи илм эълон гардид.**

БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

# Ҳақиқати талхи замон дар «Нони шарикӣ»




Романи нависандаи шинохта Мирзонасриддин (Мирзо Саидзода) – «Нони шарикӣ. Сад сол бо Русия» воқеаву рухдодҳои як марҳалаи таърихӣ, яъне, солҳои баъдичангӣ ва бунёду созандагиҳоро дар сарзамини тоҷикон дар бар мегирад, ки нависанда он ҳамаро бо диди нав, бо кулли мураккабию печидагӣ ва шебу фарозҳояш ҳақиқатнигорона инъикос менамояд. Тафовути романи «Нони шарикӣ» аз дигар асарҳои маъмуле, ки дар ин мавзуъ аз солҳои 40-ум инҷониб таълиф гардидаанд, дар он аст, ки адиби ҷӯяндаву заҳматкаш бо омӯзишу баҳрабардорӣ аз маводу сарчашмаҳои илмии таърихӣ, асноди дар бойгониҳо маҳфузбуда ва нақли ашхоси воқеӣ паҳлуҳои норавшан ва равандҳои иштибоҳангези ташкили колхозу совхозҳоро, ки аз сиёсати яктарафаи Ҳукумати Шуроӣ бармеояд, бо ҷасорат ва воқеӣ қаламдод менамояд. Хатти сюжети роман дар атрофи қаҳрамони он, марди ҷонфидо ва дилсӯзи ватан Ҷовид, ки вазифаи роҳбарии колхозро дар водии Вахш бар уҳда дорад, чарх мезанад. Ҷовид азоби Ҷанги Дуюми Ҷаҳонро аз сар гузаронда, бо шуруи кор дар заминҳои сӯхтаву чӯлистони Қӯрғонтеппа бо ноадолатию бераҳмиҳои роҳбарони ҳукумати вақти чумҳурӣ ва ноҳия рӯ ба рӯ меояд ва сареҳан дарк мекунад, ки ин сарварон ғуломи ҳалқабаргӯши сиёсати идеологияи ҳизби ҳукмрони коммунистӣ мебошанд. Дар тасвири нависанда мардуми ранҷбар дар роҳи бунёди хоҷагиҳои нав, кушодани роҳҳо, кишти пунбадона ва иҷрои нақшаҳои давлатӣ аз баҳри зиндагии осудаҳолона баромада, бо умеди ояндаи дурахшон собитқадамона меҳнат мекунанд, талош меварзанд, ки ҳосили дучанд ба даст биёранд. Аммо аз воқеаҳои дар роман инъикосшуда бармеояд, ки тадричан аз сиёсати ба гунаи иҷборию маснуии пешгирифтаи Ҳукумати вақт ва ҳизби болшевикӣ дар қиболи ҷустуҷӯ ва дарёфти унсурҳои ба истилоҳ «бегона», «душманони сохти нав», «ҷосусони мамолики империалистӣ» мардуми заҳматкаш шадидан азоби руҳию ҷисмонӣ кашида, аз ҳукумату ҳизби ҳукмрон навмеду руҳафтода мегарданд. Ҳамин вазъро Ҷовид Мансуров низ мустақиман мушоҳида намуда, бо вуҷуди пешрафту ободонӣ ва бунёди мактабу беморхонаҳо, аз дағдағаю шиорпартоиҳои раҳбарон, ки ҷуз ҳангомаву воҳима чизи дигаре набуд, ба сутӯҳ меояд ва ботинан нобоварияш ба амалдорону мансабдорон, ки мардумро ба сардаргумӣ мувоҷеҳ мекарданд, зиёд мегардад.

Қаҳрамони роман – Ҷовиди соҳибиродаву муътақид ба ғояҳои ҷомеаи сотсиалистӣ воқеаҳои соли 1937-ро (дар саҳифаҳои аввали асар) ба хотир оварда, ба ҳайрат меафтад, ки чӣ тавр, бе ҳеҷ сабаб дар як вақт котиби якуми ҳизби ноҳияи Кировобод Ҳайдаровро низ бо тамғаи «ҷосус» як шаб аз хонааш гирифта мебаранд ва дигар аз ӯ хату хабаре намерасад. Нависанда воқеияти замонро дар лаҳзаҳои мушаххас, бо истифода аз аносири бадеии муассир, чун андешаҳои ботинии қаҳрамонон, суҳбату муколамаҳо, ручуъҳои лирикӣ, нақлу тасвир ва бозтоби муфассал ва табиию зиндаи рухдодҳо бо маҳорати волои нигорандагӣ тачассум намудааст. Бахусус, дар суҳбату муколамаҳо хӯву хислат ва характери персонажҳои роман равшану бармало мегардад. Дар роман қаҳрамонони зиёде амал мекунанд, ки иддае агар бо Ҷовид ҳамақида бошанд, гурӯҳе чун хабарчину тамаллуқкор ва ҳосиду бахил ба ҳар васила монеи пешрафти кори ӯ ва соҳиби обрӯву нуфуз гардиданаш мешаванд. Раванди корҳои ободонӣ, кишти пунбадонаю ғалладона, обёрии заминҳо ва зина ба зина беҳтару хубтар гардидани зиндагию маишати мардум дар роман муассиру воқеъбинона тасвир ёфтааст. Дар ҳама гуна вазъият, ки ба Ҷовид ину он вазифаро месупоранд, вай аз таҳти дил ва аз рӯйи виҷдон заҳмат мекашад.

Нависанда ҳаёти қаҳрамони худро хеле амиқу батафсил, бо тамоми ҷузъиёташ ба риштаи тасвир мекашад. Бо вуҷуди пайваста дучори беинсофӣ ва туҳмату дасисаҳо гардидан, Ҷовид руҳи барозанда дораду ба адолату ҳақиқат эътимоди зиёд. Ӯ андешаҳои худро бештар ҳангом ба дӯсташ Буров изҳор мекунад ва аз рафтору амалҳои каҷравонаи иддае аз ҳукуматдорон норозӣ буданашро пинҳон намедорад. Дар асар низоу бархӯрди қаҳрамонон ва тезу тунд гардидани воқеаҳо гоҳо ба василаи нақл, гоҳе тасвири доманадор инъикоси худро меёбад. Нависанда бо тачассуми марҳалаҳои зиндагӣ ва фаъолияти сарварии Ҷовид Мансуров пешрафту муваффақиятҳои ӯро моҳирона бозтоби бадеӣ бахшида, бо дигаргун шудани вазъи сиёсию сари вазифа омадани ашхоси сиёсии бадгавҳар, ки дастнишондаи Москва маҳсуб меёфтанд (дар мисоли котиби СЕКА Ковал) сарнавишти талхи қаҳрамони худро ҳамчунон дар муносибат бо «дӯстон»-и дирӯзааш ҷолибу ҷаззоб нишон медиҳад. Асноду рухдодҳои таърихӣ дарунмояи сюжети романро ташкил дода, ба ин васила, нависанда ҳақиқати замонро чун оина пеши назари хонанда ҷилва медиҳад. Амалиёти як силсила афроди мансабдор, ки дар роман бо исми худ омадаанд, ҷанбаи таърихии асарро таҳкиму тақвият бахшидааст. Ҳунару маҳорати нигорандагии нависанда, махсусан, дар инъикоси воқеаҳои солҳои 60-ум, ки бо иттиҳоми изофанависии нақшаи пахтасупорӣ фаъолияти котиби аввали Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Т. Ӯлҷабоев аз ҷониби фиристодаи Москва Ковал мавриди санҷишу тафтиши муфассал қарор мегирад, равшану баръало ба чашм мерасад. Дар гирдоби фоҷеаҳои бадфарҷом сояи тираи иғвою дасиса ба сари Ҷовид Мансуров низ меафтад. Воқеан, аз ҷониби нависандаи ҳақиқатнигор тасвиру бозтоби воқеаҳои нангину даҳшатбори он солҳо, ки бе ҳеҷ гуноҳ нисбат ба Ҷовид ҳукми қатлро содир мекунанду ин ҳукми беадолатона баъдтар ба ҷазои ҳабс иваз карда мешавад, дар адабиёти тоҷик нав буда, тамоми разолату ҳамоқати раҳбарони вақти Ҳукумати Марказӣ дар лаҳзаҳои ҷудогона фошу ба боби танқид кашида мешаванд. Қобилияту маҳорати адиб дар тачассуми симоҳои зишту манфуре, амсоли Ковал (котиби СЕКА), муфаттиш Буларгин, Бойматов ва чанд нафар думравони онҳо барҷаста мебошад. Тасвири эпизоди истинтоқу пурсиши Буларгин то чӣ андоза ҷой доштани бенизомию аз қавле, «санги ман – даҳ ман»-гӯйиҳои раҳбарони сатҳи поёниро, ки ба хотири мансабу манофеи шахсии худ аз ҳеҷ аъмоли паст рӯ намегардонанд, нишон медиҳад. Мутаассифона, низоми бюрократию авторитарӣ, ки дар сиёсати идеологияи ҳизби ҳукмрон ҷой дошт, роҳро ба афроди мансабдори бадгавҳар ҳамвор намуда буд, ки дар ин фоҷеа Ҷовид танҳо гирифтор нашуда буд.

Яке аз паҳлуҳои таваҷҷуҳбарангези сабку услуби бадеии Мирзонасриддин дар он зоҳир мегардад, ки вай ҳамчун носири пурхондаву тачрибаманд, саҳнаҳои азобу даҳшати қаҳрамони роман Ҷовидро дар муҳити зиндон бо маҳорату неруи баланди бадеӣ ба риштаи тасвир мекашад, ки ин омил дар асарҳои қаблан дар ин мавзуъ иншогардида дида намешавад. Ба вижа, дучор омадани вай бо котиби вақти ҳизбии шаҳри Душанбе Бобоҷонов, ки азобу машаққати ҷисмониро дар ҳабсхона аз сар гузарондааст, бағоят мутаассиркунанда мебошад. Ва ин ҳама бедодгарӣ дар замоне рӯй медод, ки роҳбарони Ҳукумати Шуравӣ аз ғалабаи пурраи сотсиализм ва роҳ ба сӯйи фазаи охирини он – коммунизм лоф мезаданд.


Ҳангоме ки Мансуровро ба хотири аз Ӯлҷабоев дар пленуми ҳизбӣ пуштибонӣ кардан, бо гуноҳи изофанависӣ паси панҷара мебаранд, ҳамаи он мансабдорону дӯстони наздикаш аз вай худро канор гирифта, рафтуомадро ба хонадонаш қатъ мекунанд. Ягона ғамгусору ҳамдами Ҷовид ҳамсари вафодораш Гулнисо ба шумор мерафт. Бояд гуфт, ки нависанда дар тасвири симои занону бонувон низ маҳорати баланд дошта, дар ин масъала образи Гулнисоро аз бозёфтҳои вай метавон ҳисобид. Манзараи бори нахуст бо ин духтари хушпайкару заҳматкаш рӯ ба рӯ гардидани Мансур ва ба вай ошиқ шуданашро Мирзонасриддин муассиру хотирмон ба қалам додааст. Садоқату муҳаббати Гулнисо ҳангоми ба ҳабс гирифтани шавҳараш дар эпизодҳои воқеие, ки дар роман инъикос шудаанд, махсусан таъсирбахш ба назар мерасанд. Ин устуворию собитқадамии зан то муҳлати дар зиндон будану озод шудани Мансуров идома меёбад. Умуман, симоҳои офаридаи қаҳрамонон дар роман табиию зиндаанд. Ҳамчунин, ба нависанда муяссар шудааст, ки дар нақли батафсилу бозтоби воқеаҳои таърихӣ (фарзи мисол, пленуми маълуми таърихӣ бо иштироки Ковалу аъзои пленум) кӯшишу талоши зиёде ба харҷ дода, саҳнаҳои низоангезу бархӯрди шадиди иштирокдорони он ҳодисаҳои нангинро рӯйи сафҳа орад. Дар саҳифаҳои охири роман нависанда дар суҳбату баҳс ва муколамаҳои персонажҳо муҳиту фазои баъд аз пошхӯрии Ҳукумати Шуравӣ ва ба саҳнаи муборизаю муқовимат ворид гардидани неруҳои озодихоҳу демократиро тасвир намуда, дар монологи ботиние чунин менигорад: «Ҷовид чунин фикрҳои парешон дар сар, нохост саволе ба зеҳнаш омад: «Хуб, Ҷовид, ту, ки камубеш аз даруну беруни ин давлат хабардор будӣ, даст ба сина ниҳода, гӯй СССР-ро афзалияташ бештар буд ё не?». Ин савол чунон ногаҳонӣ ва чунон гиҷкунанда буд, ки мӯйсафед дар аввал чӣ ҷавоб гуфтанашро намедонист...»

Дар маҷмуъ, романи «Нони шарикӣ»-и нависанда Мирзо Саидзода саҳифаи тозаест дар адабиёти тоҷик, ки барҳақ, сазовори Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***нависанда***

ЧАШМАНДОЗ

# МАОРИФИ ҶАҲОН



**Ангола**

Таҳсилоти томактабӣ дар Ангола қисми муҳимми низоми маориф ба ҳисоб меравад ва барои кӯдакони 3 то 5-сола пешбинӣ шудааст. Ин зинаи таълим ба рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоии кӯдакон равона шуда, тавассути барномаҳои бозию омӯзишӣ амалӣ мегардад. Давлат кӯшиш мекунад, ки дастрасии кӯдаконро ба муассисаҳои томактабӣ бештар намояд. Аксари боғчаҳо дар шаҳрҳо ҷойгир шудаанд ва имкониятҳои онҳо нисбатан беҳтар мебошанд.

**Словения**

Низоми таҳсилоти олӣ дар Словения рушдёфта мебошад. Дар кишвар мактабҳои олии давлатию хусусӣ фаъолият карда, барномаҳои гуногуни таълимиро пешниҳод менамоянд. Яке аз донишгоҳҳои маъруф Донишгоҳи Любляна ба ҳисоб меравад. Барномаҳои таълимӣ ба забонҳои словенӣ ва англисӣ роҳандозӣ шудааст. Мактабҳои олӣ ба тадқиқоти илмӣ ва фаъолияти инноватсионӣ аҳаммияти калон медиҳанд.

**Парагвай**

Низоми маориф дар Парагвай зери назорати давлат қарор дошта, таҳсил дар зинаи таҳсилоти асосӣ барои кӯдакон ҳатмӣ ва ройгон мебошад. Системаи таълим аз зинаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, миёна ва олӣ иборат аст. Дар муассисаҳои таълимӣ забонҳои испанӣ ва гуаранӣ амал намуда, ҳар ду мақоми расмӣ доранд. Ҳукумати кишвар барои баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ва беҳтар кардани сифати таълим пайваста ислоҳот мегузаронад.

**Швейтсария**

Швейтсария дорои низоми пешрафтаи маориф буда, шароити муассисаҳои таълимии он дар сатҳи баланд қарор дорад. Технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим васеъ истифода мешаванд. Омӯзгорон дорои сатҳи баланди касбӣ буда, ба рушди инфиродии ҳар як хонанда диққати махсус медиҳанд. Муҳити таълимӣ амн ва мусоид буда, ба омӯзиши самаранок кумак мекунад. Давлат ба соҳаи маориф маблағгузории зиёд менамояд.

**Тайланд**

Таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Тайланд ба ду зина ҷудо мешавад: зинаи поёнӣ ва зинаи болоӣ. Ин марҳала барои омода намудани хонандагон ба таҳсилоти олӣ ё фаъолияти касбӣ аҳаммияти калон дорад.

Забони асосии таълим тайландӣ (тайӣ) мебошад, аммо дар баъзе мактабҳо англисӣ низ истифода мешавад. Донишомӯзон метавонанд вобаста ба шавқу рағбат самти таҳсилро интихоб кунанд. Давлат барои баланд бардоштани сифати таълим пайваста ислоҳот мегузаронад.

***Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,***
***«Омӯзгор»***

**Дар ноҳияи Тоҷикобод Боғи интенсивии «35-солагии Истиқлолият» таъсис дода мешавад.**

ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

# «Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»

Ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни бузурги таърихӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҳадафи тавзеҳу баррасию муаррифии густардаи марҳалаҳои рушди маорифи ҷумҳурӣ ва тавсифи дастоварду навгониҳои соҳа барои беҳтарин асарҳои публитсистӣ таҳти унвони **«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»** озмун эълон мекунад.

Навиштаҳо бояд инъикосгару тавзеҳбахши сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, корномаи аҳли маориф дар самти пойдории Истиқлоли давлатӣ ва марҳалаҳои рушди маорифи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳаводиси муассиру хотирмон вобаста ба ислоҳоти соҳа, тозакорию навгониҳо дар соҳаи маориф, фаъолияти фидокорони соҳа, комёбиҳои таълиму тарбия ва амсоли инҳо бошанд.




Ба навиштаҳое, ки саҳеҳу муҳаззу навоварона эҷод шуда-анду забони шевою пуробуранг, таҳлилу пешниҳодҳои судманд, андешаҳои ҷолиб доранд ва дар онҳо умумигӯию якрангӣ ба мушоҳида намерасад, афзалият дода мешавад.

Ҳаҷми мақолаҳо набояд аз 4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Roman, андозаи 14, интервали 1) зиёд бошад. Дар сурати ба инобат нагирифтани ин талабот, нигоштаҳо ба чоп иҷозат дода намешаванд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то 20 августи соли 2026 идома меёбад ва дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ (09.09.2026) ҷамъбаст мегардад.

**Мукофотҳо барои ғолибон:**

Ҷойи 1 – 7 000 сомонӣ
Ҷойи 2 – 5 000 сомонӣ
Ҷойи 3 – 3 000 сомонӣ

Ғолибон, ҳамчунин, соҳиби ифтихорнома ва тухфаҳо хоҳанд шуд. Гулчини мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида ба табъ мерасад.

# «Улуғзода – таблиғгари ормонҳои миллӣ»

***Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар ҳамбастагӣ бо ҳафтанмаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 115-солагии адиби маъруф, Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода барои беҳтарин мақолаҳо таҳти унвони «Улуғзода – таблиғгари ормонҳои миллӣ» озмун эълон мекунад.***

Дар мақолаҳо бояд бештар ба моҳияту муҳтавою махсусиятҳои эҷодиёти адиб (ба вежа, инъикоси мавзуъҳои ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва асолати таърихӣ дар осори нависанда), нақши адиб дар такомули адабиёти тоҷик, ҷанбаҳои фаъолият ва лаҳзаҳои ҷолиби ҳаёти ӯ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Аз бозгӯи тарҷимаи ҳоли адиб ва суханони умумию такрор худдорӣ бояд кард.

Ба мақолаҳое, ки дар баробари мавзуи тозаву ҷолиб забони шевою хушобуранг доранд, афзалият дода мешавад. Нигоштаҳо метавонанд илмӣ, илмию оммавӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ, методӣ ва ё тақризу мусоҳиба бошанд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то охири моҳи август идома меёбад ва дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад.

**Мукофотҳо барои ғолибон:**

Ҷойи 1 – 3000 сомонӣ
Ҷойи 2 – 2000 сомонӣ
Ҷойи 3 – 1000 сомонӣ




**Таъкид:**

Мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Roman Tj, андозаи 14, интервали 1) зиёд бошанд. Дар акси ҳол, маводи пешниҳодшуда ба озмун роҳ намеёбанд. Маҷмуи мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида чоп мешавад.

***Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ҳафтаномаи «Омӯзгор»***

ТАВАҶҶУҲ

# Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

**барои ишғоли вазифаҳои мудири кафедра, профессор, дотсент ва ассистентони кафедраҳои зерин озмун эълон менамояд:**

1. Кафедраи анатомияи одам ва истилоҳоти тиббии лотинӣ; 2. кафедраи анатомияи патологӣ ва тибби судӣ; 3. кафедраи тарбияи ҷисмонӣ; 4. кафедраи стоматологияи муолиҷавӣ; 5. кафедраи стоматологияи ортопедӣ; 6. кафедраи ҷарроҳии ҷоғу рӯй; 7. кафедраи психологияи тиббӣ; 8. кафедраи беҳдошт ва экология; 9. кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетика; 10. кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионӣ; 11. кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ; 12. кафедраи ҷарроҳии умумӣ; 13. кафедраи забонҳо; 14. кафедраи микробиология, вирусология ва иммунология; 15. кафедраи физиологияи нормалӣ ва патологӣ; 16. кафедраи тибби оилавӣ; 17. кафедраи бемориҳои чашм ва бемориҳои гӯшу гулӯ ва бинӣ; 18. кафедраи травматология, ортопедия ва ҷарроҳии ҳарбии саҳроӣ бо курси урология ва анестезиология; 19. кафедраи фтизиопулмонология; 20. кафедраи химияи умумӣ; 21. кафедраи химияи биологӣ; 22. кафедраи бемориҳои дарунӣ бо курси кардиологияи клиникӣ; 23. кафедраи дерматовенерология; 24. кафедраи вогиршиносӣ; 25. кафедраи тибби иҷтимоӣ; 26. кафедраи онкология ва ташхиси шуоӣ; 27. кафедраи ҷарроҳии кӯдакона, анатомияи топографӣ ва амалиёти ҷарроҳӣ; 28. кафедраи бемориҳои сироятӣ; 29. кафедраи психиатрия ва неврология; 30. кафедраи технологияи фарматсевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фарматсевтӣ ва иттилооти фарматсевтӣ; 31. кафедраи акушерӣ ва гинекологӣ; 32. кафедраи бемориҳои кӯдакона; 33. кафедраи сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ, омори тиббӣ бо курси таърихи тиб; 34. кафедраи гистология.

**Талаботи умумии тахассусӣ барои номзадҳо:**

- маълумоти олии касбии ба самти фаъолият мувофиқ;
- доштани дараҷаи илмӣ ва ё унвони илмӣ (барои вазифаҳои мудири кафедра, профессор, дотсент – ҳатмӣ; барои ассистент афзалият дода мешавад);
- собиқаи кории илмӣ-педагогӣ ё амалӣ аз рӯйи ихтисос (мувофиқи талаботи вазифаи мушаххас);
- донистани забони давлатӣ (тоҷикӣ) ва забони русӣ;
- маҳорати кор бо компютер (барномаҳои дахлдори офисӣ).

**Эзоҳ: Талаботи мушаххаси тахассусӣ барои ҳар як вазифа тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи ҷории соҳавӣ ва Оинномаи донишкада муайян карда мешаванд.**

**Рӯйхати ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иштирок дар озмун:**

- ариза ба номи ректори донишкада;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо муҳр тасдиқшуда);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи дипломҳо дар бораи маълумоти олӣ, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ (тасдиқшуда аз ҷониби нотариус ё шуъбаи кадрҳои ҷойи кори асосӣ);
- рӯйхати корҳои илмӣ ва таълимӣ-методӣ (тасдиқшуда аз ҷониби комитаи илмии Шурои олимон);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (тасдиқшуда);
- маълумотномаи тиббӣ оид ба вазъи саломатӣ (шакли муқарраргардида);
- сурати андозаи 3х4 см (4 дона);
- нусхаи РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда);
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат;
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ.

**Ҳуҷҷатҳо дар суроғаи зерин қабул карда мешаванд: шаҳри Душанбе, кӯчаи Клара Сеткин 2, hr.dtit@mail.ru тел.: (+992) 003338398;**

**Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо: дар муддати 2 моҳ пас аз чопи эълон.**

**Эзоҳ: Сана ва макони баргузории озмун ба довталабоне, ки ҳуҷҷатҳояшон ба талаботи озмун мувофиқат мекунанд, иловатан хабар дода мешавад.**

**ЗЪТИБОР НАДОРАД**

*Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ 1358964, ки онро соли 2025 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Шоҳмансур ба Абдуллоҷони Ғафурҷон додааст, эътибор надорад.*

***

*Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №28424, ки онро соли 1997 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и ноҳияи Шоҳмансур ба Шукулоева Парвина Саидбековна додааст, эътибор надорад.*

***

*Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0014011, ки онро соли 2014 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансур ба Қодирова Шоира Файзулоевна додааст, эътибор надорад.*

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН ШОҲИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

САРМУҲАРРИР
**Эҳсон САФАРЗОДА**
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
**Раҳим САИДЗОДА**
**Анвар САФАРЗОДА**
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**
**Равшан КАРИМЗОДА**
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА**
**Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА**
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
**Насриддин ОХУНЗОДА**
(ҷонишини сармуҳаррир)
**Шодӣ РАҶАБЗОД**
**Ҳотам ҲОМИДЗОДА** 225-81-57
**Шаҳноза БОБОМУРОДОВА**
(муҳаррирон)

МУХБИРОН
**Ирода ТИЛАБОВА**
(шаҳри Душанбе)
**Ҷангибеки УЛФАТШОҲ**
(ВМКБ)
**Сухроб АЗИЗӢ**
**Худододи ИСЛОМ**
(вилояти Хатлон)
**Нуъмон РАҶАБЗОДА**
(вилояти Суғд)

**Саодат ЭРГАШЕВА** 225-81-61
(масъули обуна)
**Зарнисор НИЗОМОВА**
(хуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 46150 нусха

Почтаи электронӣ:
**n.omuzgor@maorif.tj**
Сомонаи ҳафтанома:
**www.omuzgor-gazeta.tj**

**QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»**

**Навбатдори шумора**
**Ҷ. Қиёмиддин**